**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ**
**АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ»**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ – 371.4+378**
**ТКБ – 74.03(2)+74.113.8 (2-Тоҷик)**
**С –35**

**САФАРЗОДА МУНИР ВАТАН**

# НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ АНДРАГОГИКА ДАР НИЗОМИ ТАКМИЛИ ТАХАССУСИ КАДРҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР ШАРОИТИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Ҳимояи такрорӣ**

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

**ДУШАНБЕ - 2025**

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Мушовири илмӣ:** | **Ҷумъахон Алимӣ -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Каримова Ирина Холовна** – доктори илмҳои педагогӣ, академик, ноиби президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| | **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров |
| | **Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони олмонии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» |
| **Муассисаи пешбар:** | **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** |

Ҳимояи такрории диссертатсия санаи 10 декабри соли 2025, соати 12:30 дар шурои диссертатсионии 6D.КАО-077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баргузор мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2, bakhriddin.1973@mail.ru, телефон: (+992) 904-29-22-66

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхона ва сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (www.shurodis-att.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _____________ соли 2025 фиристода шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ Б. Муҳиддинзода

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити кунунии баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муасисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, таҳаввул ва рушди соҳаи маориф, илм ва техника, аз ҷумла, дар бахши таҳсилоти калонсолон (ТК) беш аз пеш аҳамияти муҳимми бунёдӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Омӯзиши илм барои инсон муқаддамтарин рисолат ба ҳисоб меравад ва он набояд дар ягон марҳилаи ҳаётиаш қатъ гардад. Бинобарин ин дар раванди бархӯрдҳои шадиди муосир рӯ овардан ба илм аз тарафи ашхоси калонсол ҳамчун намунаи ибрат ба насли оянда пазируфта мешавад.

Ислоҳоти ҷомеа ва низоми маориф ҳамчун ҷузъи пешбарандаи он, каблан, сифати нави фаъолияти педагогӣ ва тағйир додани шуури шахсонеро, ки ба ислоҳоти маориф нигоҳи тоза доранд, тақозо мекунад. Аз таҳсилоти анъанавӣ ба системаи ба шахсият равонагардида бе педагоги фаъолу истеъдоди эҷодидошта, ки ба муайянсозии бартарияти фаъолияти касбии омӯзгориву инкишофи хеш равонааст, имкон надорад.

Таҳлили таҷрибаи оммавӣ ва пешқадами такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, инчунин, таҳқиқоти назариявӣ оид ба ин масъала гувоҳӣ медиҳад, ки дар низоми такмили ихтисоси муаллимон дигаргуниҳои ба назар намоён ба амал меоянд: мақсад, мазмун, усул ва шаклшои раванди такмили ихтисос таҳрир ва таҷдид меёбанд. Муҳаққиқон роҳу усулҳои гуногуни ҷалби калонсолонро ба таълим пешниҳод намуда, зимни таҳқиқотҳо барои ҷалби сартосари онҳо чораҳои амалӣ меандешанд. Аз ҷумла, ташкили шаклҳои махсуси таълим дар корхонаю ташкилотҳо ва алоқаи байни олимони соҳа бо намояндагони касбу кори гуногун яке аз ин гуна амалҳои воқеӣ мебошад.

Ташаккул ва рушди таълими ашхоси калонсол ҳамчун бахши мустақили илми педагогика аз раванди пайвастаю муттасили он вобастагӣ дорад. Аз сабаби он ки ҳайати кормандони муассисаву корхонаҳоро асосан калонсолон ташкил медиҳанд, синусол, ҷанбаи милливу иҷтимоӣ, равонӣ ва вижагиҳои дигари калонсолон бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Аз ин лиҳоз, илми андрагогикаи муосир масоили назариявӣ ва амалии тарбияву таълими калонсолонро дар масири умр бояд фаро гирифта бошад. Андрагогика ба сифати илми худшиносиву худогоҳии шахсияти калонсол ба маънии васеъ дарк мегардад. Мусаллам аст, ки қисме аз инсонҳо  дар давраи ҷавонӣ аз донишҳои амиқ бархӯрдор мегарданд, аммо гуруҳи дигар оҳиста - оҳиста, марҳила ба марҳила дар тӯли умр донишу малакаҳо, таҷрибаву салоҳиятҳоро пайдо мекунанд. Илми андрагогикаи муосир ба инкишофи ашхоси калонсол  кӯмак расонида, дар бозёфти ҷойгоҳи ӯ дар ҷомеа, азбар намудани дониши нав ва иттилооти зеҳнӣ-маърифатӣ кумак мекунад.

Маълум, ки майдони бархӯрди манфиатҳои илмӣ барои донишандӯзии калонсолон роҳи васеъ мекушояд. Аз ин лиҳоз, асолати маърифатии андрагогика ба маънии комил ва аслиаш роҳнамоии калонсолон буда, барои рушди ҳамаҷонибаи маърифатӣ-зеҳнии онҳо роҳ мекушояд. Воқеан, андрагогикаи муосир ба сифати яке аз бахшҳои ҷадиди илми педагогика дар авохири қарни 20 пайдо шуда, ба кулии ашхоси калонсол такони муассир бахшид.

Алъон илми андрогига ҳамчун бахши мустақил дар раванди таълим ҷойгоҳи хешро ҳануз пурра наёфтааст. Заминаҳои илмии методологиву назариявии андрагогика ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар мамлакатҳои хориҷӣ то ҳол ба таври амиқ таҳқиқ наёфтаанд. Аз ин лиҳоз, гузориши мантиқии масъала ва таҳқиқу

баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ-назариявии он муҳим ва мубрам будани мавзуи диссертатсияи мазкурро собит месозад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар адабиёти илмии ватанӣ масъалаҳои мухталифи андрагогика мавриди баррасӣ, тасниф ва тавсифи муҳаққиқ, профессор Ҷ. Алимӣ [2] қарор гирифта, дар адабиёти илмии рус дар ду мақолаи Б.М. Бим-Бад «Маориф дар шароити сотсиализатсия» [4] ва С.Г. Вершловский «Таълими давомдор: Таълими таърихӣ ва назарияи падида» [9] андешаву назари муаллифонро инъикос намудааст. Сонитар, таълимоти андрагогӣ ва ё калонсолон аз ҷониби як зумра муҳаққиқони рус мавриди таҳқиқ, омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар мамоликоти хориҷи кишвар масъалаҳои ташаккул ва рушди андрагогика дар таълифоти Б. Самоловчев «Соҳаҳои маориф дар гузашта ва пеш аз мо» [42] баррасӣ шудааст. Аз солҳои 50-60-и нимаи дуюми асри ХХ сар карда оид ба ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти калонсолон: ташкилӣ, фалсафӣ, сотсиологӣ, иҷтимоию психологӣ таҳқиқотҳои зиёд гузаронида шуд. Дар асарҳои бархе аз муаллифону муҳаққиқони хориҷӣ (солҳои 50-60) масъалаҳои ташкили таълими калонсолон, риояи принсипҳои дидактикию методии он ба миён гузошта шуд.

Аз ҷумла, дар рисолаҳои илмии А.Д. Пинг «Баъзе проблемаҳои таълими калонсолон ва педагогика» [37], А.В. Даринский «Педагогикаи калонсолон, предмет ва вазифаҳои он» [11], М. Дурко «Ҷанбаҳои педагогии таълими калонсолон» [59], Н.И. Бокарев «Баъзе проблемаҳои таълими калонсолон ва педагогика» [37], Ҷ. Кидд «Чӣ тавр калонсолон меомӯзанд» [67], Г.Л. Миллер «Таълим ва омӯзиш дар таълимӣ калонсолон» [74], Ҷ. Мак Кинли «Усулҳои эҷодӣ барои синфҳои калонсолон» [71], М. Семенский «Андрагогика ва назарияи таълим» [43], Б. Морган «Усулҳо дар таълими калонсолон» [75], Б. Самоловчев «Соҳаҳои маориф дар гузашта ва пеш аз мо» [42], Ф. Урбачик «Дидактика дорослых» [47], Л. Турос «Мавқеи андрагогҳо дар системаи илмҳои педагогӣ» [81] масъалаҳои таълими калонсолон махсус ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Аксари муҳаққиқон таълими калонсолонро дар доираи илми педагогика баррасӣ намуда, вижагиҳои онро аз нигоҳӣ таълиму тадрис мушаххас ва муайян кардаанд.

Солҳои 1950-1960 дар асарҳои муҳаққиқон Б. Самоловчев «Соҳаҳои маориф дар гузашта ва пеш аз мо» [42], профессори машҳури олмонӣ Ф. Поггелер «Усули таълимӣ калонсолон» [77], муҳаққиқи лаҳистонӣ Л. Турос «Мавқеи андрагогҳо дар системаи илмҳои педагогӣ» [81], М. Семенский «Андрагогика ва назарияи таълим» [43] истилоҳи «андрагогика» бори аввал зикр ва пешниҳод гардид. Муаллифони мазкур кӯшиш карданд, ки тафовути байни андрагогика ва педагогикаро дар қисмати гузориши масъала ва роҳу равиши таҳқиқу тафсири он муайян кунанд.

Оғози ташаккули андрагогикаро ҳамчун илми мустақил метавон ба соли 1970 нисбат дод, ки асари мукаммали назарӣ ва амалии муҳаққиқи барҷастаи амрикоӣ М.Ш. Ноулз «Амалияи муосири таълими калонсолон» [21] исботи барҷастаи фикри гуфташуда аст. Аммо М.Ш. Ноулз робита бо махсусиятҳои таълими ашхоси калонсол принсипҳои бунёдӣ, сохтори андрагогӣ ва амсилаи андрагогии омӯзишро равшан муайян накардааст.

Дар солҳои минбаъдаи асри ХХ ба омӯзиши проблемаҳои ТК корҳои зиёде анҷом дода шуданд. Муҳаққиқон дар самти пажуҳиши таҳияи барномаҳо ва таҳияи дастурҳои таълимию методӣ оид ба таҳсилоти калонсолон саҳми арзанда гузоштанд. Аз ҷумла, Д.Ҳ. Брундеж «Принсипҳои омӯзиши калонсолон ва татбиқи онҳо дар банақшагирии барнома» [54], Р.Г. Багнал «Принсипҳои таълими калонсолон дар тарҳрезӣ ва идоракунии таълим» [52], К. Гриффин «Барномаи таълимии назарияи

таълими калонсолон ва якумра» [63], Д. Макерачер «Принсипҳои омӯзиши калонсолон ва татбиқи онҳо дар банақшагирии барнома» [54], А.Б. Кнокс «Рушд ва омӯзиши калонсолон» [68], П.А. Мак Лаган «Кӯмак ба дигарон омӯхтан: Тарҳрезии барномаҳо барои калонсолон» [72].

Дар самти фардикунонии таҳсилоти ашхоси калонсол таҳқиқоти М.Ш. Ноулз «Донишҷӯи калонсол: проблемаҳои нодида гирифтан» [21], К.А. Туф «Лоиҳаҳои омӯзишии: равиши нав ба назария ва амалия дар омӯзиши калонсолон» [80], Т. Элсдон «Пешрафт ва проблемаҳои таълими калонсолон» [60], С. Брукфилд «Фаҳмидан ва мусоидат намудан ба омӯзиши калонсолон» [53].

Дар бахши хусусиятҳои фаъолияти омӯзгорон дар низоми таҳсилоти калонсолон - Э. Ҷонс «Таълими калонсолон: равиши омӯзиши фаъол» [66], Д. Нойер «Дастури амалияи формати: Г санъати консевоир ва ташаккули таълим» [76], М. Лесне «Тарбияи педагогӣ ва ташаккули калонсолон» [70] , А. Роҷерс «Озодии Лиам» [78].

Дар робита ба хусусиятҳои хоси кори донишандӯзии ашхоси калонсол - Ю.Н. Кулюткин «Психология обучения взрослых» [22], К.П. Кросс «Усулҳои баҳодиҳии синф» [51], М.Ш. Ноулз «Донишҷӯи калонсол: намуди нодида гирифташуда» [21], С. Меррием «Омӯзиши калонсолон» [73], Ҳ. Титгенс, Ҷ. Вейберг «Калонсол дар соҳаи таълиму тарбия» [79].

Оид ба принсипҳо ва хусусияти дидактикӣ ва методологии таҳсилоти калонсолон - Э. Ҷонс «Таълими калонсолон: равиши омӯзиши фаъол» [66], С. Брукфилд «Фаҳмидан ва мусоидат намудан ба омӯзиши калонсолон» [53], К.Т. Элсдон «Пешрафт ва проблемаҳои таълими калонсолон» [60], Г. Юнг «Дидактикаи хурди калонсолон» [58], Л.Н. Лесохина «Мазмуну усулҳои таълимӣ калонсолон» [24], М.В. Галбрейт «Усулҳои омӯзиши калонсолон» [61], Ф. Поггелер «Усули таълимӣ калонсолон» [77], Л. Турос «Мавқеи андрагогҳо дар системаи илмҳои педагогӣ» [81].

Дар самти таъмини шароити мусоид барои таҳсилоти калонсолон - Р. Пирс «Ба вуҷуд овардани шароит барои таълимӣ калонсолон» [65], тайёр кардани омӯзгорон-андрагогҳо дар ТК С.Д. Легге «Таълим ва такмили минбаъдаи муратаббиёни калонсолон» [69], С.М. Грабовски «Тайёр кардани мураббиёни калонсолон» [62], К.Т. Элсдон «Пешрафт ва проблемаҳои таълими калонсолон» [60] ва амсоли он.

Мутаассифона, ғояҳои пешбарандаи М.Ш. Ноулз дар асарҳо ва рисолаҳои илмӣ такмили минбаъдаи муназзам ва мантиқии худро наёфтаанд. Фарогирии комил ва пурвусъати таҳсилоти калонсолон дар нимаи дуюми асри XX дар самти ташкили эмпирикии таълим ба риштаи таҳқиқу татбиқ кашида шуда, барои асоснок намудани тарзу равиши шакли ҷадиди таълими ашхоси калонсол пешниҳодҳои тоза ба миён гузоштанд.

Зарурат ва ба мақсад мувофиқ будани асосҳои низоми илмии таълими калонсолон таҳқиқи қонунҳои асосӣ, принсипҳо ва тафовут ва фарқияти онро аз принсипҳои мавҷудаи ТК тақозо мекунад. Чунин усули муносибат ба таҳқиқоти илмии мазкур масъалаи интихоби объект, предмет, ҳадафи таҳқиқот, вазифаҳои онро мушаххасан ба маърази муҳокима, омӯзиш ва таҳқиқ мегузорад.

Тазаккур бояд дод, ки оғози ташаккули таҳқиқи масъалаҳои илми андрагогикаро ҳамчун илми мустақил метавон ба фаъолияти пажуҳишии донишманди машҳури амрикоӣ М.Ш. Ноулз «Амалияи муосири таълими калонсолон» [21] марбут донист. Дар солҳои минбаъдаи асри XX корҳои зиёде ҷиҳати омӯзиши масъалаҳои фардии мушаххаси ТК бахшида шуда, дар фасли таҳияи барномаҳо ва дастурҳои таълимӣ барои таҳсилоти калонсолон, фардикунонии он, вижагиҳои хоси фаъолияти

омӯзгорон ва хонандагони калонсол, асосҳои методологӣ ва принсипҳои дидактикии таълими калонсолон, ҳавасмандкунии раванди таълим, омода кардани кадрҳои болаёқати омӯзгорӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ андешаҳои ҷолиб баён гардид.

Муаллифони дар боло зикршуда бобати ба низом даровардани маълумоту донишҳо дар соҳаи андрагогика саҳми назаррас гузоштанд. Дар ҳамин ҳол баъзе самтҳои ин мавзуъ ҳанӯз ҳам ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Дар байни чунин ҷанбаҳои камтар омӯхташуда, пеш аз ҳама, масъалаҳои марбут ба методҳо ва шаклҳои такмили ихтисоси омӯзгоронро қайд кардан зарур меояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаву мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертсионӣ дар доираи татбиқи Барномаи давлатии рушди низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **аз** 28 июли соли 2017, №357) ва Барномаи рушди таълими касбии калонсолони Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2016, № 268) анҷом дода шуда, бевосита ба мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии МДТ –Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ” барои солҳои 2018-2022 дар мавзуи «Шакл ва технологияҳои муосири инноватсионии такмили маҳорати касбии омӯзгор дар муассисаҳои таълимӣ» иртибот дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Коркарди асосҳои назариявӣ ва амалии андрагогика, таҳияи механизми амалигардонии он дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– омӯзиш ва таҳлилу баррасии таҷрубаи ҷаҳонӣ дар ташаккул ва рушди андрагогика ба сифати илми мустақили муосир оид ба таълими ашхоси калонсол;

– коркарди технологияҳои татбиқи андрагогӣ дар системаи такмили ихтисоси омӯзгорони соҳа;

– мураттаб кардани муқарраротӣ ибтидоии муносибатҳои методологӣ ба таълим;

– ташкили барнома ва адабиёти асосӣ барои таълими калонсолон;

– таҳияи нақшаҳои мушаххас дар асоси барномаи фанни андрагогика ва сафарбар намудани калонсолон ба омӯзиш;

– ташаккули фаъолияти маърифатии калонсолон дар асоси талаботҳои ҷомеаи муосир;

– таҳияи асосҳои мундариҷаи таълими омӯзгор-андрагог;

– рӯи кор овардани таҳияи асосҳои мундариҷаи таълими устоди соҳаи андрагогика.

**Объекти таҳқиқот.**

Раванди аз курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот –** Назарияи андрагогика ва амалияи таҳсили калонсолон дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Фарзияи таҳқиқот:** Андрагогика дар сурате метавонад ҳамчун назарияи таълим рушд ёфта, барои беҳтар гардидани донишҳои тахассусии омӯзгорон мусоидат намояд, **агар:**

– хусусиятҳои хоси таълими калонсолон дар робита бо асосҳои назариявӣ ва методологии илми андрагогика таҳқиқ гардида, роҳу усули мушаххаси фаъолияти ин қишри муҳимми ҷомеа коркард гардад;

– асосҳои фанни андрагогика дар заминаи талаботҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва маънавӣ коркард карда шуда, заминаҳои бунёдӣ барои роҳандозӣ намудани таълими он фароҳам оварда шаванд ва он ба яке аз муқаррароти табиӣ табдил дода шавад;

– масъалаҳои назариявии фан пурра муайян шуда, ҳар як ҷанбаи фалсафии фан рушд, антропологияи муоширату коммуникатсионӣ рӯшан намуда шавад амсилаҳои таълими ашхоси калонсол дар системаи такмили тахассус мавриди санҷиш қарор ёбаду дар таҷоруби самти мазкури таҳсилот ба роҳ монда шавад;

– ҳар як ҷанбаи дидактикӣ дар ТҒ дар системаи инкишофи касбиву педагогии андрагогӣ муосир қонуниятҳои сохтор, фаъолият ва рушди он аз мавқеи табиати илми андрагогика дар низоми такмили ихтисос муайян ва такмил дода шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Ҷамъоварии мавод, омӯзиш ва таҳлили адабиёти вобаста ба мавзуъ ва объекти таҳқиқот, нашри мақолаҳои илмӣ ва таҳияи диссертатсия дар тамоми давраҳои таҳқиқотӣ (солҳои 2016-2022) дар се марҳила иҷро гаридааст. Натиҷаҳои ҳосилшудаи назариявӣ ва амалӣ дар рафти озмоиши педагогӣ пайваста санҷида, дақиқ мегардиданд, ки якчанд марҳиларо дар бар мегирифт:

– ***марҳилаи аввал*** (солҳои 2016-2018) давраи таҳқиқоти назариявӣ ва ташхисии мушкилоти таълими ғайрирасмӣ (ТҒ). Дар ин марҳила сатҳи рушди назариявии проблема дар назария ва амалияи таълими муаллимон омӯхта шуд; муносибатҳои методологӣ ба рушди назарияи ТҒ дар низоми такмили ихтисос муайян гардид; тамоюлҳо ва омилҳое, ки ба тағйири низоми такмили ихтисос таъсир мерасонанд, ошкор карда шуд; мундариҷаи саволномаҳо, пурсишномаҳо таҳия ва вазъи таҳсилоти калонсолон санҷида шуд; самтҳои стратегии раванди таҳсилоти калонсолон муайян гардид, ки дар асоси он ҷанбаҳои назариявии ТҒ муқаррар карда шуд.

– ***марҳилаи дуюм*** (солҳои 2018-2020) бо таҳқиқоти назариявию озмоишӣ оид ба рушди назария ва методологияи ТҒ дар низоми такмили ихтисос алоқаманд аст: таҳияи барномаи озмоишӣ ва воситаҳои ташхиси он; гузаронидани кори озмоишӣ; равиши маҳаллӣ ва мунтазами мавқеи назариявӣ ва ҷузъи дидактикии таълими ғайрирасмӣ; гузаронидани марҳилаҳои таҷриба.

– ***марҳилаи сеюм*** (солҳои 2020-2022) давраи эҷодии озмоиш гузаронида шуда, фарзияи таҳқиқ ислоҳ ва такмил дода шуда, натиҷаҳои дар рафти назорати мақсаднок бадастомада инъикос ва таҳлил карда шуд, ки дар он мавқеи назариявӣ, таҷҳизоти дидактикӣ бар пояи маълумоти таҷрибавӣ ба асос гирифта шуд. Дар ин марҳала инчунин коркард, мураттаб намудан ва ҷамъбасти маводи илмӣ, таҳияи хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ роҷеъ ба ТҒ сурат гирифт. Ҳамчунин, тавсияҳо, таҳия ва нашри монографияҳо, дастурҳои методӣ оид ба мушкилоти таҳқиқ, ба итмом расонидани кор дар шакли рисолаи докторӣ, дурнамои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи ТҒ барои калонсолон самараи ин марҳилаи таҳқиқ мебошанд.

Натиҷаҳои пажӯҳиши илмиро метавон чунин арзёбӣ кард: асосноксозии назариявӣ ва методологии ғояҳо ва пешниҳодҳо; истифодаи низоми муносибатҳои методологӣ оид ба рушди назарияи таълими ғайрирасмӣ; истифодаи маҷмӯи усулҳои иловагии таҳқиқотии мувофиқ ба ҳадаф, гипотеза, вазифа ва роҳҳои ҳалли мушкилот; асоснокӣ ва заминаҳои озмоишӣ; гуногунии усулҳо ва воситаҳои фаъолияти таҷрибавӣ; муқоисаи натиҷаҳо бо таҷрибаи васеи такмили ихтисос дар низоми таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ, маълумоте, ки дар таҳқиқоти қаблӣ ба даст омада

буд; озмоиши васеъ ва татбиқи натиҷаҳои бадастомада дар амалияи педагогӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** ташкил мекунанд:

− методологияи педагогика ва таҳқиқоти педагогӣ (таълифоти В.Ю. Новожилов [35], А.М. Новиков [34], Н.В. Бордовская [6], В.В. Краевский, Е.В. Бережнова [19], Н.А. Вершинина [8], В.И. Загвязинский [13] ва дигарон);

− назарияи муносибат ҳамчун категорияи методологӣ дар таълим (таълифоти Н.В. Бордовская [6], В.А. Розин [39], Т.А. Ромм [41], Е.В. Титова [46] ва дигарон);

− назарияи фалсафӣ – антропологии муошират (таълифоти Б.Ф. Ломов [26], А.А. Макареня [27], Б.М. Бим-Бад [4] ва дигарон);

− назарияи ТК (таълифоти С.И. Змеев [14], Р.А. Исламшин [15], Ю.Н. Кулюткин [22], А.И. Кукуев [21], Н.Д. Никандров [33], А.А. Макарена [27], А.М. Митина [31], Б.Г. Онушкин [36], В.И. Подобед [38], Э.П. Тонконогая [18], Н. Букин [7], С.Г. Вершловский [9], М.Т. Громкова [10], А.В. Даринский [11] ва дигарон);

− ҷанбаҳои назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ТМ (таълифоти Ҷ. Алимӣ [2], А.М. Мирализода [30], П. Кумбс [23], Х.Л. Миллер [74], С. Гриффин [63], Т. Мухлаев [25], Л.Ю. Монахов [28], Н.Ю. Морозова [32] ва дигарон);

− асосҳои назариявии такмили ихтисоси ҳайати профессорону педагогон (таълифоти О.В. Ройтблат, А.А. Макареня, Н.Н. Суртаева [27], И.В. Крупина, А.П. Ситник, Э.М. Никитин, И.Э. Савенкова [20], С.В. Алексеев [1] ва дигарон);

− ғояи такмили ихтисос дар марҳилаҳои мухталифи ҳаёти инсон (таълифоти К.А. Бисенов, Н.А. Лобанов, В.Н. Скворксова [5] ва дигарон).

**Сарчашмаи маълумот.** Ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи равандҳои ислоҳот дар соҳаи маориф дар даҳсолаҳои охир, аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсили калонсолон» (аз 24 феврали соли 2017, №1394, бо Қарори Маҷлиси намояндагони МОҶТ аз 26 октябри соли 2016, №584 қабул шуда, бо Қарори Маҷлиси миллии МОҶТ 16 феврали соли 2017, №334 тасдиқ шудааст), Барномаи давлатии рушди низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, Барномаи рушди таҳсилоти касбии калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015, Барномаи рушди таҳсилоти касбии калонсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Низомномаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷират, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2007, №518, аз 5 марти соли 2008, №115, аз 2 феврали соли 2009, №77, аз 29 апрели соли 2009, №276 дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, стандартҳои таҳсилоти касбӣ, барномаҳо, лоиҳаҳои таҳқиқотии ЮНЕСКО.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар таҳқиқот методҳои зерин истифода шуданд:

– **назариявӣ** – таҳлили адабиёт, сарчашмаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҷамъбаст, таҷзия ва ҷамъбасткунӣ;

– **таҷрибавӣ** – намудҳои гуногуни мусоҳиба (мустақим, ғайримустақим, расмикунонидашуда, мақсаднок ва пурсиши озод), усули муошировати шахсӣ бо мусоҳиб, мушоҳидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, мусоҳибаҳо, ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ, озмоиши педагогӣ. Усулҳо ҳамчунин бо истифодаи ТИК татбиқ карда шуданд. Ин ба мо имкон дод, ки аз доираи васеи андешаҳои муаллимон баҳраманд гардем;

– **оморӣ** – рейтинг, коркарди омории маълумоте, ки дар озмоиши педагогӣ ба даст оварда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар заминаи марказҳои таълими калонсолон, филиалҳои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар минтақаи Кӯлоб ва Бохтари вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд.

Иштирокчиёни таҳқиқот дар давраи аз соли 2016 то 2022 омӯзгорони фанҳои гуногун, роҳбарони хадамоти методӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, андрагогҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо фарогирии умумии пурсидашудагон зиёда аз 1800 нафар) буданд.

Ин ба мо имкон дод, ки натиҷаҳоро на барои як минтақа, балки барои низоми такмили ихтисос дар тамоми Тоҷикистон муқаррар ва муайян созем. Дар раванди корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот аз минтақаи Кӯлоб ва Бохтари вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон 468 нафар иштирок намуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

1) кори диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқоти проблемаи асосҳои андрагогии таълим дар низоми соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Натоиҷи ба даст омада зимни таҳқиқ андрагогикаи ҳозиразамон ва таълими ашхоси калонсолро ташкил медиҳад ва ҳамчунин барои омӯзишу баррасии хамаҷониба ва васеи ин мавзуъ кумаки бедареғ хоҳад кард.

2) марҳилаҳои рушду инкишофи андрагогикаи калонсолон муайян ва таруктураи пайдарҳамии он таҳия ва ироа карда шуд;

3) пойгоҳи назариявии ташкили амалии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ТҒ ва андрагогика мушаххас карда шуд;

4) инчунин равиш ва усулҳои омода кардани ҳайати кории илмӣ ва таълимӣ дар низоми такмили тахассус ва омодагии ҳайати педагогӣ таҳия карда шуд;

5) амсилаҳои фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог асоснок карда шуда, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, салоҳиятмандии педагогии ӯ муайян карда шуд. Ин равиши кори андрагог аз масъулияти анъанавии муаллим тафовут дорад;

6) бар пояи идеяҳои аслӣ ва натиҷаҳое, ки ба даст омада ва санҷида шудаанд, монографияҳо, дастурҳои таълимӣ – методӣ, барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, мақолаҳо ва фишурдаҳои илмӣ таҳия гардид;

7) худомӯзии насли калонсолро ҳамчун талаботи рисолати он муқаррар ва бо тарзу усулҳои муайян ба роҳ мондани онро ошкор намуд;

8) дар асоси тахкикотҳои илмӣ ва озмоишҳои гузаронидаи олимони хориҷию ватанӣ самтҳои асосии ба таълим фарогирии насли калонсолсол ба маҷрои табиӣ дароварда шуд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Сохтори хронологии андрагогика ҳамчун илм дар бораи таҳсилоти калонсолон, ки дар байни илмҳои марбут ба таълим нисбатан нав буда, ба ҳадафҳои таълиму тарбияи калонсолон нигаронида шудааст.

2. Давраҳои ташаккули андрагогика ҳамчун илми мустақил, моҳият, фарқият ва умумияти илмҳои мухталиф дар бораи инсон (фалсафа, ҷомеашиносӣ, психология) ва маориф (педагогика, иқтисод, фалсафаи таълим, сотсиологияи таълим).

3. Ҳафт мавқеи оғоз барои андрагогика:

1) хонандагони калонсол ба мустақилият ва худидоракунӣ майл мекунанд ва амалҳои худро чунин эътироф ҳам мекунанд;

2) аз ҳаёт барои хеш таҷрибае меандӯзанд, ки он ҳамчун сарчашмаи муҳимми таълим мавриди истифода қарор меёбад;

3) ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти аслии зиндагӣ омода гардида, ба донишҳои мавриди ниёз мусаллаҳ мегарданд;

4) дар корбурди донишу малакаҳо мустақилона амал мекунан ва дар ин росто ба монеаву мушкилот дучор намегарданд: таълими калонсолон тавассути авомили муваққативу иҷтимоӣ, фазоиву ботинӣ ва ҳирфаӣ амалӣ карда мешавад;

5) зимни таълим ба иҷрои нақши мудирият омода мегарданд;

6) ҷараёни таълим дар низоми таълими ҳамгироӣ роҳандозӣ мегардад.

4. Низоми таълими калонсолон шомили мавориди аслии фаъолияти омӯзандаи калонсолон ва мураббӣ буда, бар асоси панҷ хосиятҳо гурӯҳбандӣ карда шудааст:

– огоҳии худи таълимгиранда;
– таҷрибаи кории таълимгирандагон;
– мақсаду ҳавасмандии таълимӣ дар толибилмони синусоли мухталиф;
– истифодаи донишу маҳорат ва малакаҳо аз ҷониби худи толибилмон;
– малакаву сифот;
– ширкат варзидан дар созмон додани ҷараёни омӯзиш.

Ин амсила аз амсилаи педагогии таълим фарқияти махсус дорад ва ба принсипҳои асосии андрагогии таълим, ки мухтасар (дар шакли фишурда) омадаанд, асоснок гардидааст: бартарияти корҳои мустақилона дар фаъолияти ашхоси калонсол; кори якҷояи педагогу таълимгирандагони калонсол; вобаста будан аз таҷоруби толибилм, инфиродсозӣ, системавӣ, қаринавӣ, интихобиву огоҳии маърифативу таълимӣ, диди нави натоиҷи таълим, инкишофи эҳтиёҷот ба таълим;

Системаи асоснокшуда ва илмии амалиёти калонсолону омӯзгорон методологияи ТК-ро ташкил медиҳад ва барои ноил шудан ба мақсадҳои таълимӣ кӯмак мерасонад. Он дар амалия аз ҷониби хонандагони калонсол ва педагогҳо дар чаҳорчӯби корҳои мушаххасе шомили шаш марҳила амалӣ карда мешавад: 1) омӯзиш; 2) барномарезӣ; 3) ташкили шароит; 4) татбиқ; 5) арзёбӣ ва 6) ворид намудани тағйиру ислоҳ ба ҷараёни таълим.

Қайд кардан ба маврид аст, ки чунин тарзи кору фаъолият аз ҷараёни маъмулии таълим тафовут дорад.

Амсилаи дигар аз фаъолияти дастурдиҳандаи андрагог, малакаҳои асосӣ, дониш, сифат, тамоюлоти арзиши педагогии ӯ вобастааст. Роҳу воситаҳои тайёркунии андрагогҳои босалоҳият - таҳияи технологияҳои вусъати донишу малака ба ташаккули маҳорату амалҳои таълимдиҳандагон кӯмак мерасонан.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:**

– мафҳуми ТК васеъ гардида, дар ин замина таҳаввулоти ғояҳо ошкор карда шуд, ки баҳри татбиқи як қатор муносибатҳои методологӣ аз рӯйи консепсияи таҳсилоти калонсолон мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, то ҷанбаҳои гуногуни ТҒ муайян гардида, бо такя ба назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират ҳамчун як шакли фаъолияти коммуникатсионӣ дар раванди таълим баррасӣ гардад;

– ҳамоҳангсозии ҷанбаҳои назариявие, ки дар илми педагогика барои рушди муносибати андрагогӣ дар ТК пешбинӣ шудааст, дар назарияи ТК пешниҳод шудааст;

– ба сифати методологияи калидӣ истифода шудани назарияи фалсафӣ ва антропологии муошират барои эҷоди ҷанбаҳои назариявии ТК асоснок гардида, тибқи он фаъолияти коммуникатсионии омӯзандагон муқаррар шудааст;

– ҷузъҳои ТК ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ муайян карда шудааст (робита, мақсад, мавзуи муошират, эҳтиёҷот ба муошират, ҳавасмандии

коммуникативӣ, фаъолияти коммуникатсионӣ, вазифаҳои коммуникатсионӣ, воситаҳои алоқа, воситаҳои коммуникатсионӣ);

– таҷзияи се гурӯҳи принсипҳо (андрагогӣ, эвтагологӣ, принсипҳои таҳсилоти инноватсионии муттасил) пешниҳод карда шудааст, ки он имкон медиҳад ҷанбаҳои методологии ташкилӣ ва ҳам дидактикии омӯзишро ҳамчун асос барои дониши нави назариявии ТҒ ба назар мегирад;

– ҷузъҳои назарияи ТҒ ҳамчун фаъолияти коммуникатсионӣ дар заминаи антропологияи фалсафӣ баррасӣ карда шудааст;

– муносибатҳои методологӣ, қонуниятҳо, омилҳо, тамоюлҳо, самтҳо ва масъалаҳои марбут ба таълими мазкур мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

– ҷанбаи дидактикии ТҒ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида, таъсири он ба интихоби усулҳо, технологияҳо ва роҳҳои ташкили ҷараёни таълими педагогон нишон дода шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса ва муқаррароти таҳқиқоти озмоиширо нуктаҳои зерин таъмин менамоянд:

– асоснокии назариявию методологии ғоя ва муқаррарот;

– истифодаи низоми равишҳои методологӣ дар таҳияи назарияи таҳсилоти ғайрирасмӣ;

– истифодаи маҷмуи усулҳои иловагии таҳқиқот, ки ба ҳадаф, фарзия, вазифаҳо ва масъалаи ҳалшаванда мувофиканд;

– намояндагии пойгоҳи таҷрибавӣ – озмоишӣ ва намунаҳо;

– гуногунии усулҳо ва воситаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ;

– муқоисаи натиҷаҳо бо таҷрибаи ғании баланд бардоштани сатҳи тахассус дар низоми таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ ва маълумоти дар таҳқиқоти қаблӣ гирифташуда;

– санҷиши васеъ ва татбиқи натиҷаҳои дар амалияи педагогӣ бадастомада дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба самтҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошанд:

– *банди 1.* Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ, корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ;

– *банди 6.* Консепсияи таҳсилот (сифати таҳсилот ва арзёбии он, равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот;

– *банди 7.* Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар амалисозии тадбирҳои зерин зуҳур меёбад:

– гузарондани таҳлили назариявӣ ва методологии рушди проблемаи ТМ, таҳияи асосҳои консептуалӣ, методологӣ, технологӣ ва ташкилии таълими ғайрирасмӣ;

– коркарди ҷанбаҳои назариявии таълими ғайрирасмӣ;

– муайян намудани омилҳо ва тамоюлҳои муайянкунандаи тағйироти низоми такмили ихтисос;

– муайян кардани функсияҳо, гурӯҳи принсипҳои таълими ғайрирасмӣ;

– ташкил ва гузаронидани озмоиши педагогӣ;

− инкишофи таълими ғайрирасмии дидактикӣ;
− идоракунии фаъолияти таҳқиқотии олимони ҷавон;
− идоракунии якчанд лоиҳаҳо;
− таҳияи нашрияҳои марбут ба мавзуи таҳқиқ, рисолаи диссертатсионӣ ва автореферати он.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда дар монографияҳо ва дастурҳои таълимӣ «Андрагогика (таҳсилоти идоманоку ғайрирасмӣ)», (2017), «Андрагогика: ташаккул, хусусиятҳо ва асосҳои назариявӣ», (2021), «Андрагогика: омили такмил додани инсон», (2016), «Асосҳои технологияи таълими калонсолон», (2020), «Назария ва методикаи таълими расмӣ ва ғайрирасмӣ», (2021), «Технологияи рушди таълими ғайрирасмӣ», (2017), « Ҷанбаҳои назариявии такмили ихтисоси кадрҳо ва андрагогика (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», (2016), инчунин маърӯзаҳо дар конференсияҳои мухталифи илмӣ ва амалӣ, бахусус дар конференсияи ҷумҳуриявию байналмиллалӣ «Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият», (Кӯлоб, 2018), «Ҳамкориҳои байналмилалии муассисаҳои таълимӣ-омили муҳими баланд бардоштани сифати таълим» (Хуҷанд, 2018), «Тарбия ва тайёр намудани муаллимони математика дар мактабҳои олии омӯзгории Тоҷикистон дар шароити имрӯза» (Кӯлоб, 2019), «Илм ва технологияи асри XXI» (Кӯлоб, 2020), «Нақши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устувори минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар» (Душанбе, 2020), «Масъалаҳои методологии рушди назарияи «таълими ғайрирасмӣ» тибқи назарияи фалсафӣ-антропологӣ ва коммуникатсионӣ» (Душанбе, 2020), «Навгониҳо дар таҳсилоти олии касбии муосир» (Кӯлоб, 2021), «Нақш ва аҳамияти таълими фосилавӣ дар шароити пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ» (Кӯлоб, 2021) ва конфронсҳои ҳарсолаи илмӣ ва амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Натиҷаҳои таҳқиқ дар ҷараёни хондани курсҳои озмоишии муаллиф – «Андрагогика: моҳият ва мундариҷа» ва «Усулҳои таълими калонсолон» дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб мавриди истифодаи амалӣ қарор дода шудааст.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 60 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 7 номгӯй монографияҳо, васоит ва дастурҳои таълимию методӣ, 54 номгӯй мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, аз ҷумла, 30 номгӯй дар алоҳидагӣ ва 24 номгӯи боқимонда мақолаҳои дар дигар нашрияҳо, маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ дар нашрияҳои шомили Пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru бачопрасида ташкил медиҳанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», панҷ боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 356 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори матнии Microsoft Word ҳарфчинишуда иборат буда, 45 расму диаграмма

ва 64 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳамаи бахшҳои диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 366 номгӯй мебошад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

***Дар муқаддима*** муҳимияти мавзуи тадқиқот, проблема, ҳадаф, объект, предмет, фарзия, вазифаҳо баён ёфта, асос ва пойгоҳи назариявӣ-методологии таҳқиқот, заминаи (базаи) корҳои таҷрибавӣ-эксперименталӣ, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия зикр гардида, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгашта пешниҳод шудааст.

**Боби якуми диссертатсия –** «Андрагогика: ташаккул, хусусиятҳо ва асосҳои назариявӣ» - масъалаҳои мухталифи мавриди таҳқиқ ва пажуҳишро дар робита ба пайдоиш ва ташаккули илми андрагогика, хусусиятҳои хоси таълими калонсолон, асосҳои назариявии андрагогика, таълими калонсолон (ТК) ва асосҳои ҳуқуқии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

Аз ҷумла, фасли нахусти боби якум **– «Пайдоиш ва ташаккули андрагогика»** дар партави гузориши масъала вижагиҳо ва хусусиятҳои хоси пайдоиш ва ташаккули андрагогикаро мавриди пажуҳиш ва баррасӣ қарор додааст. Таълими калонсолон дар охири ҳазораи дуюм ба омили пешбаранда ва муҳимтарини рушди инсоният табдил меёбад. Истилоҳи «андрагогика» аз калимаи юнонии andros (мард, шавҳари баркамол, калонсол) + gogika (сарвар, пешрав) иборат буда, бори аввал аз тарафи муҳаққиқи олмонӣ А. Капп дар соли 1833 бо мақсади интишори бахши махсуси педагогика – «андрагогика» ба вуҷуд омадааст. А. Капп дар китоби худ *«Ғояҳои таълимии Платон»* майлу хоҳиши калонсолонро барои омӯхтан ва эҳтиёҷи онҳоро ҷиҳати машғул будан ба омӯзиш дар тамоми марҳилаҳои ҳаёт зарур донист ва муҳтавои китоби ӯ низ аз ба ин масъала бахшида шудааст.

Дар миёнаҳои асри ХХ «андрагогика» ба фазои илм пурра ворид гардид ва мӯҷиби пайдоиши соҳаи мустақили пажуҳиш ва таълиму тадрис пазируфта шуд. Он ба ҳайси илми ҷудогона ба муваффақият ва дастовардҳое соҳиб гардид, ки дар рушди шахсияти калонсолон перомуни низоми омӯзишу парвариш саҳифаҳои тоза кушод.

Илми фалсафа дар пайдоиш ва зуҳури андрагогика нақши калидӣ дорад. Дар авоили қарни ХХ донишмадони соҳаи фалсафа кӯшиш ба харҷ доданд, ки дар иртибот ба ин масоил нақши шахс ва шахсиятро дар масири таърих ва рушди тамаддуни инсонӣ нишон диҳанд. Таълифоти бунёдӣ-назариявӣ ва амалии муҳаққиқи барҷастаи ИМА М. Ноулз дар ин раванд арзиши масъаларо болотар бардошта, дар таҳқиқотҳои минбаъдаи олимону донишмандони соҳа мафҳуми *«андрагогика»* мушаххас гардонида шуд.

Донишмандони Русия низ дар авоили қарни ХХ дар андешаронии хеш нисбат ба инсон ва мавқеи он дар ҷомеа ва нақши инсон дар масири таърих ба андешаҳои донишмнадони кишварҳои дигар хеле надик омаданд (Н. Бердяев [3, с. 125-130], Л. Шестов [49, с. 97-105] ва В.С. Степин [45, с. 79-83]. Онҳо дар осори хеш мақоми инсонро ба мартабаи олӣ бардошта, ӯро бузургтарин мавҷуди олам, озод ва созанда муаррифӣ карданд. Муносибати ҷиддӣ нисбат ба дарки инсон ва мақоми ӯ дар асарҳои файласуфон П.С. Карако [16, с. 107-133], К. Ясперс [50, с. 257-269] ва В.С. Степин [45, с. 99-103] бештар баён ва инъикос ёфтанд.

Перомуни шахс ва фаъолияти инсон суҳбат намуда, донишмандони соҳа зикр карданд, ки инсон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар иҷтимоъ рушду тараққӣ карда, барои

пайдо кардани мавқеъ ва манзалати хеш дар ҷомеа тамоми ҳастии худро мебахшад ва ботини инсон ба масобаи кайҳон аст, ки дарку фаҳми он кори сахт ва мушкил маҳсуб меёбад.

Дар Федератсияи Россия дар авоили қарни XX таълими калонсолон бештар дар шароити фориғаздарсӣ инъикос меёфт. Таълими фориғаздарсиро донишманди рус Е.Л. Меданский пешниҳод намуд ва он дар аввоили қарни XX аз тарафи донишманди рус В.И. Чарноулский такмил ва пурра гардид [29, с. 65-68].

Агар ба таърихи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар солҳои 20-уми қарни XX назар андозем, хеле возеҳ ва равшан мебинем, ки дар он солҳо барои таълими калонсолон корҳои зиёде ба анҷом расонида шуда буд. Он солҳоро даврони маҳви бесаводӣ меномиданд. Барои босавод кардани аҳли ҷомеа тамоми коргарон пас аз соати корӣ дар макотиби гуногуни шабона ба таҳсил фаро гирифта мешуданд ва аз ин тариқ кулли мардуми мамлакат босавод гардонида мешуд. Донишмандони гуногуни соҳаи педагогикаи шуравӣ дар он солҳо андешаҳои ҷолиброро перомуни таълими калонсолон баён доштаанд. Яке аз чунин шахсиятҳо Н.К Крупская буд, ки роҷеъ ба омилҳои муайянкунандаи таълими калонсолон изҳори андешаи ҷолиб кардааст.

Дар нимаи дуюми қарни XX донишмандони соҳа масоили мухталифи таълими калонсолонро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор доданд. Дар асарҳои муаллифони рус ва хориҷӣ дар солҳои 50-60-и асри гузашта мушкилоти таълими калонсолон дар заминаи принсипҳои дидактикӣ ва методологии таълим баррасӣ карда шудаанд: А.В. Даринский [11, с. 68-70], А.Д. Пинг [37, с. 130-137], Н.И. Бокарев [37, с. 67-70], М. Дюрко [59, с. 88-93], Ҷ. Кидд [67, с. 123-135], С.Д. Лордҷ [69, с. 157], Г.Л. Миллер [74, с. 57-68], Дж. Маккинли [71, с. 107-129], Б. Морган [75, с. 361], Ф. Пёглер [77, с. 195-202], Б. Самоловчев [42, с. 73-81], М. Семенский [43, с. 60], Л. Турос [81, с. 44-48], Ф. Урбачик [47, с. 88-95] ва дигарон.

Муҳаққиқон ҷанбаҳои зерини таълими калонсолон тасниф намуданд:

1. Таҳсил талаботи муҳимтарини камолоти шахсият;

2. Дар вобастагӣ аз диаргуниҳои дар ҷомеа ба амал омада танзим намудани таҳсили калонсолон ва алоқаманд намудани он ба соҳаҳои фаъолияти онҳо;

3. Ба мақсадҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ вобаста намудани таълим ва ҷавобгӯ будан ба талаботҳои ҷомеа;

4. Таълими калонсолон бо дарназардошти рағбат, завқ ва кӯшишу азми онҳо, масъулиятшиносӣ ва ташаббускорӣ аз ҳайати нисбатан ҷавони омӯзандагон комилан фарқ мекунад.

Фасли дуюми боби аввал - «**Хусусиятхои хоси таълими калонсолон»** ном дошта, аз баррасии хусусиятҳои хоси таҳсили ашхоси калонсол иборат аст. Худи мафҳуми шахси калонсолон ба таври мукаммал дар ҷаласаи ЮНЕСКО, ки соли 1976 баргузор гардида буд, чунин таъриф дода шудааст: «Дар ҷомеа ҳама гуна ашхоси калонсол мавриди эътибор қарор дорад ва ба таълиму омӯзиш фаро гирифтани онҳо кори хайр ва наҷиб маҳсуб меёбад» [28, с.34].

Донишмандони амрикоӣ Г.Г. Даренвалд ва С.Б. Меррием оиди масоили мазкур чунин изҳори ақида кардаанд: «Калонсол шахсе мебошад, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ нақшҳои муҳимми истеҳсолиро иҷро мекунад ва барои ҳаёти шахсии худ масъулият дорад» [57, с. 6].

Муҳаққиқи рус Ю.Н. Кулюткин низ доир ба таҳсили калонсолон чунин изҳори назар дорад: «Калонсол дар навбати аввал шахси аз ҷиҳати иҷтимоӣ ташаккулёфта буда, мутобиқи меъёрҳо ва талаботи ҷомеа қодир аст, ки мустақилона ва

масъулиятшиносона амал ва қарор қабул кунад» [22, 57-63]. Афзудан мехоҳем, назар ба ақидаи ин олими рус аз 16 то 70-солагӣ давраи калонсолӣ маҳсуб меёбад.

Чунонки дида мешавад, таълими калонсолон чун гузориши масъала самти нави илмӣ нест, зеро донишмандони илми педагогика кӯшиш ба харҷ додаанд, ки ин самтҳо ва паҳлуҳои гуногуни масъаларо ҳамаҷониба омӯзанд ва ҳалу фасл кунанд. Шахси калонсол вобаста ба масъулияте, ки дорад, хатти таълим ва омӯзиши давомноки хешро мушаххас мекунад. Агар ба тарзи дигар гӯем, дар заминаи масъулиятшиносӣ барои муваффақ шудан ба ҳадафҳояш дар роҳи таълиму омӯзиш ва сайқал додани маҳорату малака ва салоҳиятмандӣ худро ҳамеша омода, пайрав ва мустақил ва фаъол месозад. Хуб дарк мекунад, ки бояд пайваста омӯзад ва дониши худро такмил дода, ҳамқадами замона ва ҷомеа гардад.

Ашхоси калонсол дар ҷодаи пайваста пеш рафтан ва рушд кардан шомили панҷ хислат мебошад:

- ӯ шахсияти аз лиҳози вақту фазо озоду мустақил аст;
- дар фаъолияти ба ухда доштааш муттасил пеш меравад ва таҷриба меандӯзад;
- дар самти дастрас шудан ба нақша ва амалҳои худ фаъол ва бонизом аст;
- саъй мекунад, ки масъулиятшинос ва намунаи ибрати дигарон бошад;
- фаъолияти ӯ метавонад дар самтҳои гуногун ҷараён ва рушд гирад.

Қобилияти зеҳнии ашхоси калонсол ҳамеша дар ҷараёни муттасили ташаккул ва рушд қарор дорад. Қобилияти дарки иттилооти таълимӣ аз рағбат ва кӯшишу суботи омӯзанда вобастагии қавӣ дорад. Он дар роҳи ҳазми маводи таълимӣ, дарки масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ роҳи васеъ мекушояд, имкониятҳои зеҳнӣ, психологӣ ва нейрофизиологии ӯро тақвият мебахшад. Салоҳиятмандӣ асоси рушд ва парвариши қобилияти фикрии калонсол буда, боиси ташаккули маҳорату малакаҳое мегардад, ки ӯ дар раванди омӯзиш, таҷрибаи зиндагӣ тавассути сарчашмаҳои илмӣ роҳи босамари донишро ба даст меорад.

«Бо мурури синну сол – мегӯяд, Ю.Л. Кулюткин – вазифаҳои мухталифи психо-физиологӣ бо ҳамдигар унс мегиранд ва воқеан ба инсон имкон медиҳад, ки ноқисиҳои рушди як вазифа (масалан, хотира)-ро ҷуброн кунад ва баҳри рушди имкониятҳои дигар, масалан, тафаккур мусоидат кунад» [22, с. 31-32].

Худи ғояи таълими калонсолон худтакмилёбии инсон дар тӯли тамоми зиндагии ӯ аст. «Умре ба сар бар ва умре биомӯз!», - гуфтаанд. «Омӯзиш аз гаҳвора то гӯр» низ ҳикмати халқ буда, тӯли асрҳо бо ҳаёти инсон тавъам аст. Фаромӯш набояд кард, ки агар муддати мадиде ба омӯзиш ва такмили донишҳои хеш напардозем, малака ва салоҳиятҳои хешро аз даст медиҳем. Аз ин рӯ, такмили тахассус воҷибу ҳатмӣ мебошад. Дар муддате, ки инсон аз омӯзиш дур мемонад, пешравӣ ва рушди касбияти ӯ ба қафо бармегардад.

Дар мавриди зайл педагоги барҷастаи рус К.Д. Ушинский чунин мефармояд: «... ба Шумо лозим аст, ки ба омӯзанда на танҳо дониши муайянро интиқол диҳед, балки дар ӯ хоҳиш ва қобилияти мустақилона, бе педагог пайдо кардани дониши навро инкишоф диҳед. Ин қобилият ҳатто вақте, ки устод ӯро тарк мекунад ва ба хонанда имконият медиҳад, ки на танҳо аз китобҳо, балки аз ашёҳои гирду атроф, аз воқеаҳои ҳаёт, аз таърихи қалби худ донишҳои муфид ба даст орад. Доштани чунин қудрати рӯҳие, ки ғизои солимро аз берун истихроҷ мекунад, ба инсон кӯмак мерасонад, ки тамоми умр омӯзад. Албатта, ин яке аз вазифаҳои муҳимми ҳама гуна таҳсилот аст» [48, с. 67-69].

Дар робита ба ин фикри гуфташуда суханони донишманди амрикоӣ Р.Г. Дэйвро меорем: «Таҳсили калонсолон ҷараёни рушди инфиродӣ, иҷтимоӣ ва касбии шахс дар

тӯли умри ӯст, ки барои беҳтар кардани сифати зиндагии шахсии ӯ ва ҳам ҷомеа роҳ мекушояд» [56, с. 65-76].

Яке аз вижагиҳои таълими калонсолон дар Тоҷикистон аз он иборат аст, ки онҳо бидуни аз истеҳсолот берун омадан ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Вақте шахси калонсол бидуни таътил ба омӯзиш машғул мешавад, малака ва маҳорати худро сайқал дода, зимни иҷрои вазифааш маълумоти дастрасшударо мавриди истифода қарор медиҳад, ки барои тадбир ва тартиби кор хеле муҳим ва муфид аст.

Дар асоси маълумоти ҷадвали 1 бо вазъи фарогирии калонсолон ба таҳсил дар ҷумҳурӣ шинос шудан мумкин аст. Дар доираи таълими ғайрирасмӣ, аз ҷумла, 24 маркази таълимӣ калонсолонро шомили омӯзиш кардааст. Дар партави рушди таҳсилоти ҳамагонии миёна истифодаи шаклу воитаҳои дигари таълим барои ашхоси калонсол дар мамлакати мо дар солҳои ахир хеле ривоҷ ёфтааст. Яке аз чунин марказҳо «Маркази таҳсили калонсолон» мебошад, ки шуъбаҳои ин марказ дар саросари кишвари маҳбубамон дарҳои худро ба рӯйи калонсолон боз намудааст. Ҳамасола ин марказҳо садҳо калонсолонро ба таҳсил фаро гирифта, соҳиби касбу кори гуногун, бахусус, касбҳое, ки дар бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар ба онҳо талабот хеле зиёд мебошад (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1.**

**Шумораи омӯзандагони калонсол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи таълими расмӣ (ҳазор нафар)**

| Навъи муассисаҳои таълимӣ | Солҳои 1997-2002 | Солҳои 2003-2008 | Солҳои 2008-2013 | Солҳои 2013-2018 |
|---|---|---|---|---|
| **Мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ** | – | 1884 | 2312 | 6724 |
| **Омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ** | _ | 142 | 244 | 1234 |
| **Муассисаҳои таълимии миёнаи махсус** | | 624 | 986 | 1220 |
| **Муассисаҳои таҳсилоти олӣ** | 86 | 886 | 1012 | 4626 |
| **Курсҳо, факултетҳо, донишкадаҳои такмили ихтисос** | 446 | 2622 | 4624 | 12326 |




**Расми 1. – Диаграммаи омӯзандагони калонсол дар ЧТ**

Дар Тоҷикистон марказҳои гуногуни бозомӯзӣ ба таълими қишрҳои гуногуни ҷомеа машғул буда, теъдоди хеле зиёди омӯзандагонро барои фаро гирифтани касбҳои гуногуни истеҳсолот ҷалб кардаанд. Зикр кардан ба маврид аст, ки ин

фарогирӣ ҳанӯз шакли муназзам ва мураттабро касб накардааст ва дар ин самт чораҳо барои ба низоми пойдор ворид намудани чунин марказҳо идома дорад. Умед мебандем, ки солҳои наздик ин иқдом амалӣ хоҳад шуд ва дар ин росто таълими калонсолон низ ба самти муайян ва комили такмили ихтисос ва бозомӯзии муттасил табдил хоҳад ёфт.

Фасли сеюми боби якум - **«Асосҳои назариявии андрагогика»** ба баррасии консепсияҳо ва барномаҳои мушахасси амалкунанда дар робита ба таълими насли калонсол бахшида шудааст. Дар ин фасл сухан оид ба моделҳои педагогӣ – мушаххасан модули таҳсилотӣ меравад ва ба рушди маърифати зеҳнии калонсолон нигаронида шудааст. Ин равиш чунин роҳандозӣ мегардад: *«тафаккур→омӯзиши масъала→ҳалли масъала»*. Ин равиш бештар ба амсилаи андрагогии омӯзиш мувофиқат дорад.

Таълимгирандагони насли калонсол дар чунин мавридҳо аз таҷрибаи фаъолияти хеш ба таври фаровон истифода мекунанд. Зимни истифодаи он аз шаклҳои маъмули суҳбат, муколама, баҳс, бозиҳои нақшӣ ва амсоли он истифода мебаранд. Инчунин, ба таълимгирандагон истифодаи донишҳои нав дар зимни кору фаъолияташон пешниҳод мегардад. Таълимгирандагонро ба он водор мекунанд, ки зимни саволу ҷавоб аз меъёру усулҳои маъруф кор гирифта бошанд.

Дар ин фасл зикр мегардад, ки раванди таълим ҳини амсилаи андрагогӣ ба фаъолияти муштараки шунавандагон ва таълимдиҳандагон асос ёфтааст. Раванди таълимро бидуни ин шакли фаъолият амалӣ кардан мумкин нест. Дар ҳамаи марҳалаҳои асосии раванди таълим омӯзгор бо донишомӯз машғулиятҳои якҷоя ташкил карда, дар ин росто омӯзгор симои пешбаранда ва чун муҳаррики ангезанда намоён амал мекунад.

Фасли чоруми боби якум - **«Таълими калонсолон ва асосҳои ҳуқуқии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба баррасии хусусиятҳо ва заминаи ҳуқуқии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Ҳадафҳои глобалӣ дар заминаи миллӣ, имконоти эҳтимолӣ ва мушкилоти миллии рушди ТК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокимаи конфронсҳои гуногуни илмию амалӣ, бахусус Конфронси III-и илмӣ-амалии «Рушди ТК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нойил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор то 2030» қарор дода шудаанд. Чорабинии мазкур 02.12.2016 аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии «Ассотсиатсияи ТК дар ҶТ» бо мусоидати намояндагии DVV International дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар конфронс 100 нафар намояндагони гурӯҳҳои мақсадноки гуногун (ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои давлатӣ, донишгоҳҳо) иштирок намуданд.

Низомнома дар бораи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷират қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.10.2007, №518, аз 5.03.2008с., №115, аз 2.02.2009 №77, аз 29.04.2009, №276 дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ таъсис дода шудааст:

– фаъолияти ТК-ро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг ва ташкил менамояд, мувофиқи стандартҳои давлатии низоми ТК таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасдиқ пешниҳод менамояд;

– барномаҳои таълимии ТК таҳия ва тасдиқ мекунад, барои ташкили ТК хизмат мерасонад;

– низоми марказҳои таълимии ТК-ро ташкил медиҳад, усулҳои модулӣ, инноватсионӣ ва дигар усулҳои оқилонаи таълимро ҷорӣ мекунад, зарурати таълимро муқаррар мекунад.

Пас, азхуд намудани ҳам принсипҳои (амсилаҳои) педагогӣ ва ҳам андрагогии таълим ҳамчун вазифаи ҳар як муаллим аз татбиқи принсипҳои муайян барои самараноктарин таълим, мақсаду шароити таълим ва хусусиятҳои донишомӯзон иборат аст.

Дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» (Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012 № 334 тасдиқ шудааст) вобаста ба барномаҳое, ки амалӣ мешаванд, гуфта мешавад дар бораи АПП; тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дар сатҳи дахлдори тахассус; таълими калонсолон дар асоси комьёбиҳои андрагогӣ.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, 27,5 фоизи дигар дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, танҳо 72,5%-и таълим дар заминаи ин марказҳо сурат мегирад. Дар соли 2008-ум 8,1 ҳазор нафар бекорон дар омӯзиш ва бозомӯзии касбӣ ширкат варзиданд, ки 19,1 фоизро дар такмили ихтисос ва касбомӯзӣ ташкил медиҳад. Нишондиҳанда дар муқоиса бо шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда 20 фоизро ташкил медиҳад, ки аз мавҷудияти имкониятҳои маҳдуд барои марказҳо шаҳодат медиҳад. Талаботи коргарони хонагӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба таълими касбӣ-техникиро ба назар гирифта, шумораи калонсолони ба таълим эҳтиёҷманд 34 баробар меафзояд. Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.03.2008 №115 аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. «Маркази ТК Тоҷикистон» бо намояндагиҳо дар ноҳияҳои Кӯлоб, Бохтар, Тоҷикобод ва Конибодом. Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фарогирии онҳое, ки ба омӯзиши касбию техникӣ эҳтиёҷ доранд, ба талабот пурра ҷавоб дода наметавонанд (Ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2.**

**Фарогирии калонсолон ба таҳсил дар вилояти Хатлон (то соли 2020)**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | **Шумораи бекорон ба таълим фарогирифташудагон (одам)** | 6560 | 7174 | 8251 | 8080 | 8815 |
| 2. | **Ҷамъ (маблағ бо сомонӣ)** | 514103 | 717328 | 844531 | 852500 | 1850000 |

Бояд тазаккур дод, ки ҳоло ба сохтори давлатии ТК Муассисаи давлатии «Маркази ТК Тоҷикистон» бо намояндагон, Муассисаи давлатии «Маркази таълими модулии шаҳри Душанбе» бо намояндагиҳо ва 11 муассисаи таълимӣ шомиланд. Ин марказҳои таълимӣ одатан ба омӯзиши ибтидоии касбӣ ва бозомӯзии калонсолон, бахусус муҳоҷирон ва бекорон машғуланд.

**Боби дуюми диссертатсия – «Стратегияи таҳсили калонсолон дар асоси технологияи муосири педагогӣ ва муносибати босалоҳият ба таълим»** ба таҳқиқ ва баррасии самти андрогогика дар партави муайян кардани дурнамои таҳсили калонсолон дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим бо истифода аз имкониятҳои технологияи муосири педагогӣ равона шудааст.

Дар фасли якуми боби дуюм – «**Тамоюлҳои муосири таълими калонсолон дар партави талаботи технологияи педагогикаи муосир дар самти андрагогика**» аз ҷумла, зикр мегардад, ки дар шароити таҳаввулоти босуръати низоми таҳсилоти касбӣ ва омӯзишӣ (ТКО) ва парадигмаҳои таҳсилот таҳқиқи масоили марбут ба ҳувияти таълимгирандагони калонсол бо назардошти хусусиятҳо ва эҳтиёҷоти психологӣ-иҷтимоии онҳо, бахусус, дар марҳилаи такмили салоҳиятҳои касбии

мутахассисон аҳамияти муҳимми методологиро касб менамояд ва аҳамияти стратегӣ дорад.

Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи таълими калонсолон дар партави технологияи педагогӣ барои муайян намудани равишҳои нави таҳқиқи мавзуъ дар ин самт, таҷдиди назар кардани барномаҳо ва сиёсати давлат дар самти таълими муназзами калонсолон заминаи мусоид фароҳам меорад. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавонад ҳамчун асоси методии таҳияи тавсияҳо оид ба ташкили курсҳои таълимӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси таълими калонсолон, мушаххасгардонии талабот ба омӯзгорони ин соҳа ва стратегияҳои ҷалб ва нигоҳ доштани калонсолон дар низоми ТК мавриди истифода қарор диҳад.

Дар фасли мазкур заминаи методологии таҳқиқотро асарҳои илмии олимони ин соҳа ва маводи таҳлилии ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи рушди ТКО ва таълими калонсолон, таҳқиқотҳои форсайтӣ ва таҳлилҳо дар самти дурнамои рушди таҳсилот ва бозори байналмилалии меҳнат асос мегузоранд. Дар раванди таҳқиқот маҷмӯи усулҳои назарӣ ва эмпирикӣ, аз ҷумла, усулҳои тафсир ва таҳлили мундариҷа, баҳодиҳии коршиносон, усулҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, инчунин амсиласозии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, равишҳои конструктивӣ, психологӣ ва байнифаннӣ мавриди амал ва истифода қарор гирифтанд.

Зикр меравад, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва тағйироти босуръат зарурати андешидани тадбирҳои муассир ҷиҳати омодасозии омӯзгорон барои таълими калонсолон, таҳияи барномаҳои инноватсионии таълимӣ ва технологияҳои муосири омӯзиш ба масъалаи муҳим табдил ёфтааст. Мо чунин мешуморем, ки ҳангоми таҳияи барномаҳои таълими калонсолон омилҳои зерин бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор гиранд:

– шуурнокии ашхоси калонсол ва дарки муҳиммияти таҳсили минбаъда барои ҳосил намудани малака ва донишҳои нави ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат;

– махсусиятҳои робитаи мутақобили омӯзгор ва категорияи таълимгирандон ва таъмини нуфуз ва эътибори педагогӣ;

– эҳтиёҷи калонсолон ба дониш ва малакаҳои нав, ки дар фаъолияти касбии онҳо мустақиман татбиқ мешаванд;

– майли калонсолон ба татбиқи амалии дониш ва малакаҳои бадастоварда дар вазъияти воқеӣ, сатҳи таҷрибаи зиндаги калонсолон ва амсоли он.

Дар фасли дуюми боби дуюм – «**Назарияи таълими калонсолон дар заминаи технологияи муосири педагогӣ**» - асосҳои назариявии таълими калонсолон дар заминаи технологияи муосири педагогӣ баррасӣ ёфта, он чун масоили мубрами илми андрогогика мавзӯи муҳимми баҳс, арзёбӣ ва дарёфти роҳу равиши босамари таълим таҳқиқ шудааст. Зикр кардан ба маврид аст, ки то ҳол назарияи ягонаи аз ҷониба ҳамагон пазируфташуда оид ба таълими калонсолон вуҷуд надорад Баръакс, як қатор моделҳои назариявии бартаридоштаи технологияи педагогӣ мавҷуданд, ки ҳар яке дидгоҳи хоси худро нисбат ба раванди таълими калонсолон пешниҳод менамояд.

Ба андешаи мо назарияи таълими калонсолон танҳо бо маҷмӯи истилоҳот, консепсияҳо ва ғояҳо дар бораи тарзи омӯзиши афроди калонсол маҳдуд намешавад. Он ҳамчун чаҳорчӯбаи методологӣ барои таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ дар тамоми марҳилаҳо – аз консептуализатсия то имплементатсияи амалӣ хизмат намуда, ба таъмини самаранокии раванди таълим мусоидат мекунанд.

Дар робита ба ин андеша чаҳор асоси муҳиме, ки зарурати шиносоии педагогҳоро бо назарияҳои таълими калонсолон асоснок месозанд, аз инҳо иборатанд:

1. Тарҳрезии барномаҳои таълимӣ бо назардошти эҳтиёҷоти таълимгирандагон. Дониши назариявӣ имкон медиҳад, ки курсҳое таҳия карда шаванд, ки ба талабот ва интизориҳои таълимгирандагони калонсол мутобиқати дақиқ дошта бошанд.

2. Интихоби стратегияҳои оптималии таълим. Дониши равишҳои назариявӣ имкон медиҳад, ки стратегияҳои самараноки таълим бо назардошти контексти муҳити таълимӣ интихоб карда шаванд.

3. Ҳамгироии технологияҳои мувофиқи таълим. Заминаи назариявӣ дар интихоб ва татбиқи технологияҳое, ки ба стратегияҳои интихобшудаи таълим ҳадди аксар мувофиқат мекунанд, мусоидат менамояд

4. Мутобиқшавӣ ба тамоюлҳои муосири таълим: Дониши назариявӣ имкон фароҳам меорад, ки барномаҳои таълимӣ бо тамоюлҳои актуалӣ, аз ҷумла, технологияҳои рақамӣ ва мобилии таълим ҳамоҳанг карда шаванд.

Чунончи, дар назарияи таълими трансформатсионӣ се марҳилаи асосӣ муайян карда мешавад:

1. **Ошкорбаёнии мушкилот ё гирдоби андеша:** Ин марҳила лаҳзаеро ифода мекунад, ки дар он шахс дарк мекунад, ки дар тӯли ҳаёт дар андешаи нодуруст қарор доштааст ё аз як ҳақиқати муҳиме бехабар мондааст. Ин ҳолат монанди тӯфони ногаҳонӣ шахсро ба ҷустуҷӯи маълумоти нав ё бознигарии низоми тафаккур водор месозад. Дарк намудан аз ноогоҳӣ нисбат ба чизе ё содир намудани хато ҳамеша як вазъияти буҳронӣ аст, ки шахсро аз доираи одатҳои худ берун мебарад. Нишон додани он чизе, ки таълимгирандагон намедонанд, метавонад шарораи шавқу ҳавасро дар онҳо афрӯхта, онҳоро ба сӯйи анҷоми муваффақонаи курс раҳнамун созад.

2. **Ҷустуҷӯи манфиати шахсӣ:** Манфиати шахсӣ ҳамчун омили муҳаррики омӯзиш амал мекунад ва ҷавоби аслии саволи «Ман аз ин чӣ манфиат мебинам?» мебошад. Аз оғози таҳсили калонсолон муҳим аст, ки заминаи мувофиқи шахсӣ, касбӣ ё иҷтимоӣ фароҳам оварда шуда, устувор гардонида шавад, ки шавқи муҳассилинро бедор намуда, онҳоро ба омӯзиш ҷалб созад. Ба ҳавасмандгардонии калонсолон имкон бояд фароҳам овард, то манфиатҳои интизории заҳмати худро дар меҳвари зеҳни худ тасаввур карда тавонанд.

3. **Нерӯи тафаккури интиқодӣ:** Калонсолон афроди дорои ақл ва мантиқи мустаҳкам мебошанд. Аз ин рӯ, фароҳам овардани имкониятҳо барои мулоҳизаронӣ муҳим аст, то онҳо тавонанд эътиқод ва андешаҳои худро аз нав ва амиқ баррасӣ кунанд. Ба калонсолон иҷозат диҳем, ки эҳсосоти худро дарк намоянд ва муайян кунанд, ки дар кадом самт бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд. Дар ин ҳолат онҳо бо шавқи бештар ба ҷустуҷӯи дониш мепардозанд.

Барои дарки амиқи маводи иттилоотӣ назарияи таълими эмпирикиро мавриди таҳлил қарор бояд дод. Ҳакими бузурги Чин Конфуций фармудааст: «Агар бигӯед, фаромӯш мекунам; агар нишон диҳед, дар хотир нигоҳ медорам; агар иҷро кунам, мефаҳмам». Ҳеҷ китобе дониши возеҳ ва амиқро намедиҳад, мисли он ки инсон дар раванди мустақилона анҷом додани амал ба даст меорад. Назарияи таълими эмпирикӣ таъкид менамояд, ки моҳияти таълими калонсолон дар дарки таҷрибаи амалӣ таҷассум меёбад.

Аҳамияти низоми пурсамари таълими касбии калонсолонро дар Тоҷикистон сохтори кунунии шуғли аҳолӣ тасдиқ мекунад, зеро қисмати зиёди аҳолии қобили меҳнат (беш аз 70 дарсад) ба ин гурӯҳ мансуб аст. Илова бар ин, таҳлили маълумоти омории солҳои охир нишон медиҳад, ки афзоиши солонаи аҳолӣ ба ҳисоби миёна 2,5 дарсадро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти ин тамоюл агар суръати афзоиш нигоҳ дошта шавад, шумораи аҳолии Тоҷикистон дар соли 2030 метавонад ба 12-13

миллион нафар бирасад. Ин ҳолат зарурати фароҳам овардани имкониятҳои муносиби таълими касбиро барои шумораи рӯзафзуни калонсолон ва аҳолии қобили меҳнат боз ҳам таъкид менамояд.

Таъмини соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар бо мутахассисони баландихтисос, ки ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошанд, аз пояи таҳсилоти калонсолон нерӯ мегирад. Дар зинаи таҳсилоти калонсолон саҳми арзишманди онҳо дар рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар равшан ба назар мерасад. Дар ин раванд ҷалби фаъолонаи аҳолии калонсол ба барномаҳои таълими касбӣ метавонад нақши муҳим ва таъсирбахшро ба иҷро расонад.

Фасли сеюми боби дуюм – «**Вижагиҳои хоси фаъолияти омӯзгор-андрагог дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълими калонсолон**» оид ба фаъолияти омӯзгор-андрагог дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим сухан ронда, вижагиҳо ва бартариятҳои хоси онро мавриди назар ва таҳқиқ қарор додааст, ки он аз фаъолияти омӯзгори дабистонҳо ва муҳассилин фарқ мекунад. Мутахассис-андрагог, ки дар низоми таҳсилоти пайваста фаъолият мебарад, бояд дорои маҷмӯи салоҳиятҳои андрагогӣ бошад. Он имкон медиҳад, ки раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти калонсолон ва дар низоми таҳсилоти касбии баъдидипломӣ самаранок роҳандозӣ гардад.

Аз ҷумла, қайд мегардад, ки вижагиҳои хос ва фарққунандаи фаъолияти касбии омӯзгор-андрагог дар он аст, ки ҳадафҳои мушаххасро дар низоми таҳсили калонсолон ва баёнгари ҳавасмандии онҳо ба раванди таълим мебошад. Он дар азхудкунии маводи нав, ҳалли мушкилоти раванди таълим аз лиҳози иҷтимоӣ ва психологӣ кӯмаки амалӣ расонида, барои рушди малакаҳои рефлексия - худбаҳодиҳӣ мусоидат мекунад, ниёзҳои маърифатӣ ва касбии афроди калонсол ва имкониятҳои онҳоро дуруст арзёбӣ менамояд.

Тазаккур медиҳем, ки соҳаи андрогогика дар замони муосир воқеан ҳам як ниҳоди нисбатан мустақили иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба шумор меравад, ки дорои самти рушди хоси худ буда, таъсири амиқ ва пешқадамро ба дигар соҳаҳои ҷомеа, аз қабили иқтисодиёт, сиёсат, илм ва идеология мерасонад. Ин низоми таҳсил дар шароити тағйироти динамикӣ ва мураккаби ҷаҳони имрӯза аҳамияти торафт бештарро ба худ касб мекунад.

Ба маънои васеъ андрагог мутахассиси соҳибтахассус дар соҳаҳои таълим, идоракунӣ, машваратдиҳӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва навгониҳо дар соҳаи таълимии калонсолон ба шумор меравад. Барои таъмини босифати раванди таълим педагог-андрагог бояд дониш, маҳорат ва малакаҳои махсуси касбиро дошта бошад, ки зери он маҷмӯи донишҳо дар бораи инсони калонсол, низоми роҳу усул ва шаклҳои махсуси таълим фаҳмида мешавад, ки ҳар як мутахассиси таълимдиҳанда аз он бояд бархурдор бошад. Хусусияти хоси таълим барои ашхоси калонсол, пеш аз ҳама, дар фардият, муносибати инфиродии шахс ба муҳити атроф ва шаклҳои гуногуни таълим зуҳур меёбад.

Хусусияти таълими калонсолон аз вижагиҳои хоси онҳо ҳамчун ашхоси муҳассил бармеояд. Аз ҷумла:

– калонсолон дар давраи камолоти кору пайкор қарор ёфта, мундариҷа ва шаклҳои таълимро шуурона интихоб ва дарк менамоянд, оид ба мушкилот, камбудиҳо ва ҳаҷми норасои таҳсили қаблӣ тасаввури амиқ доранд;

– категорияи ашхоси калонсол бо шавқу ҳаваси баланд ба омӯзиш машғул мешаванд ва дорои имкониятҳои бештари азхудкунии донишҳои навро мебошанд;

– ба онҳо камолоти иҷтимоӣ, мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, салоҳияти коммуникативӣ ва касбӣ, инчунин таҷрибаи бойи зиндагӣ ва касбӣ хос аст;

– калонсолон ба татбиқи амалии донишҳои бадастоварда майлу раѓбат доранд.

– ба арзёбии дастовардҳои хеш ва тасдиқи (ѐ ислоҳи) худбаҳодиҳии касбии ташаккулѐфта эҳтиѐҷ доранд ва он ошкоро изҳор мегардад;

– талаботи калонсолон ба низоми раванди таълими инфиродӣ бештар ва қавитар майл дорад;

– аҳамияти таълимро барои рушди касбӣ ва шахсии худ амиқан дарк мекунанд;

- ба муоширати ғайрирасмӣ дар ҳалқаи ҷомеаи касбии ҳамфикр ва дарккунандаи мушкилот эҳтиѐҷ доранд.

**Боби сеюми диссертатсия - «Асосҳои технологияи таълими калонсолон»** ба таҳқиқ ва баррасии амсилаи ташкилӣ-фаъолгардонии раванди таълим ва вижагиҳои низоми андрагогӣ дар заминаи фаъолияти Марказҳои таълимии калонсолони назди Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Фасли якуми боби сеюм - **«Амсилаи ташкилӣ-фаъолиятии раванди таълим»** ном гирифта, амсилаи ташкилӣ-фаъолгардонии таълими калонсолон дар боби мазкур тавсиф ва баррасии масъала мавриди назар ва хулосабандӣ шуда, раванди таълим дар заминаи ҷадвали навбатӣ пешниҳод мешавад (Ҷадвали 3)

**Ҷадвали 3.**

**Марказҳои таълимии калонсолони назди Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Ном | Суроға | № | Ном | Суроға |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон (МТКТ) | ш.Душанбе, кӯч. А. Навоӣ 5/1, 236 | 12 | Маркази иҷтимоӣ-корӣ (МИК) ш. Хоруғ | ш.Хоруғ, кӯч. Ленин |
| 2 | Шуъбаи МТКТ дар шаҳри Бохтар | ш.Бохтар, кӯч. Кайхондон | 13 | МИК н. Ванҷ | Шаҳраки Ванҷ |
| 3 | Шуъбаи МИКТ дар шаҳри Кӯлоб | ш.Кӯлоб, маҳ. Хати роҳ | 14 | МИК «Амал» ш. Панҷакент | ш. Панҷакент, кӯч. Б. Раҷабов 40а |
| 4 | Шуъбаи МИКТ дар шаҳри Конибодом | ш.Конибодом, кӯч.Х. Алиев, 1 | 15 | МИК «Эҳсон» ш.Конибодом | ш.Конибодом, кӯч.Х.Алиев, 1 |
| 5 | Шуъбаи МИКТ дар ноҳияи Тоҷикобод | н.Тоҷикобод, кӯч. Рӯдакӣ, 10 | 16 | МИК ш. Истаравшан | ш.Истаравшан, кӯч. Гагарина 78 |
| 6 | Маркази таълимӣ дар ш. Душанбе» | ш.Душанбе, кӯч. Борбад 48/26 | 17 | МИК «Мадад» н. Б. Ғафуров | н.Ҷ. Расулов, кӯч. Хуҷанд, 62 |
| 7 | Маркази таълимии омӯзиши модулӣ (МТОМ) | ш.Душанбе, кӯч. А, Навоӣ 5/1 | 18 | МИК «Эҳтиром» н. Ҷ. Расулов | н.Пролетар, кӯч. Нурматов 5 |
| 8 | МТОМ дар н. Рашт | н.Рашт, шаҳраки Ғарм | 19 | МИК «Ораш» ноҳияи Мастчоҳ | ш.Бӯстон, кӯч. Шарифов 5 |
| 9 | МТОМ дар ш. Кӯлоб | ш.Кӯлоб, кӯч. 1 май, 12 | 20 | МИК ноҳияи Ш.Шоҳин | н. Шӯрообод |
| 10 | Маркази омӯзиши касбӣ ва соҳибкорӣ | ш.Душанбе, кӯч. А, Навоӣ 5/1 | 21 | МИК ноҳияи Ш.Шоҳин | деҳ. Мискинобод |
| 11 | Маркази таълимии ш. Хуҷанд | ш.Хуҷанд, кӯч. Хуҷандӣ 149 | 22 | МИК ноҳияи Ҳисор | ш.Ҳисор |

**Расми 2.**

**Амсилаи ташкилию фаъолияти ҷараёни таълим**




Хусусияти ин сохтори амсила дар он аст, ки он мазмун, манбаъ, шакл ва усулҳои таълимро муайян мекунад. Агар донишомӯз - ашхоси калонсол дар ҳамкории зич бо омӯзгор фаъол гардад, ин ба иҷрои амсилаи андрагогии таълим ва омӯзиш созгор мешавад. Технологияи таълим, аслан, ташкили раванди таълимӣ мебошад, ки он як навъ низоми муайяни амалҳо ва ҳамбастагии онҳоро пешбинӣ мекунад ва унсурҳои фаъоли ҷараёни таълимро дар бар мегирад.

Дар таҳқиқ равшан гардид, ки омӯзиш ва таълим марбут ба илми педагогика мебошанд, ки ин илм тамоми раванди омӯзишу парвариш дар шакли пурра фаро мегирад. Агар дар ҳамин ҷо таваққуфи иҷмолӣ намуда, ба таърихи илми педагогикаи тоҷик дар аҳди шуравӣ ва солҳои истиқлол назар андозем, мебинем, ки дар ин ришта мо дастовардҳои хеле назаррас ва ҷолибе бардоштаем, ки онҳо мартаба ва мақоми ин илмро мақоми хос бахшидааст.

Таҳсилот хоҳ расмӣ ва хоҳ ғайрирасми бошад, он бояд низомеро ташкил намояд, ки ҳадафҳои дарпешгузоштаи барномаҳои таълимиро иҷро намуда, барои муссилин маҷмӯъ ва системаи донишҳои муқарраршударо таъмин намоянд. Барои таҳсил ва иҷрои чорабиниҳое, ки тавассути онҳо омӯзишҳо баргузор мегардад, рӯз то рӯз шароитҳо фароҳам оварда шуда истодааст. Ин аст, ки «таҳсилот раванди мақсаднок (пешакӣ муайяншуда), муташаккил, пайгирона ва тӯлонӣ (дастгирӣ)» ташкилшуда аст.

Тибқи гуфтаҳои донишмандон Даркенвалд ва Меррӣ: «омӯзишу таълим метавонад бешуурона ё тасодуфӣ, номуташаккил ва хеле кӯтоҳ бошад» [73, с. 8-11].

Илмомӯзӣ ва аз бар кардани салоҳиятҳои нав ба тариқу равишҳои мухталиф ва ҳадафҳои гуногун метавонад сурат гирад. Шахси таълимгиранда худ тасмим мегирад, ки кай ва дар чи шароите таҳсили иловагӣ оғоз кунад ва кадом корро барои худ ёд бигирад. Чунки ӯ шахси мустақил аст ва таҷриба ва малакаи шахсиаш ба ӯ кумак мекунад, ки кадом тасмимро дар мақтаи ҳаётии хеш ба хотири чӣ қабул кунад. Ин ҷо таҷрибаи ҳаётӣ ва донишҳое, ки шахс қаблан омӯхтааст ва малакаю маҳорате, ки дар ҷараёни зиндагиаш касб намудааст, ба ӯ кумак мерасонанд, ин ҷо ҳеҷ баҳси иловагие буда наметавонад.

Таҳқиқот собит кард, ки мақсади таълим маълумотрасонӣ, инкишофдиҳии сатҳи ҷаҳонбинӣ, рушди қобилияту истеъдод ва малакаю маҳоратҳои амалӣ мебошад. муҳассил бояд дар ҷараёни таълим аз ин омилҳо бояд ба пуррагӣ бархурдор бошад, ки он барои иҷрои корҳои махсусе омода мегардад. Инсон машқ мекунад ва бадани худро обутоб медиҳад. Машқу тамрин кардан низ кору фаъолиятест, ки оғоз дораду анҷом не. Инсонҳо ба наҳваи гуногун машқу тамринро анҷом медиҳанд ва бо тарзу шеваҳои муназаму мураттаб ва гоҳан бе назму тартиб анҷом мепазирад.

Дар фасли мазкур мо тасмим гирифтем, ки таҳсили калонсолонро дар доираи ду самт аниқ ва равшан намоем:

– тариқи мураттаб гардонидани ҳадафҳои босамари интиқоли дониш дар самти ташаккули маҳорату малакаи омӯзандагони калонсол, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва арзишҳои маърифатӣ-зеҳнӣ;

– ба даст овардани натиҷаҳои интизорӣ ва ниҳоии таҳсил ва омӯзиш.

Дар фасли дуюми боби сеюм - **«Хусусиятҳои фаъолияти андрагогӣ»** хусусиятҳои хоси фаъолияти андрагоги баррасӣ шудаанд. Фаъолияти омӯзгор-андрагог яке аз унсурҳои муҳими ташкили раванди таълим мебошад. Зикр мегардад, ки омӯзгор-андрогог коршиносе мебошад, ки ҷиҳати ироаи ёрӣ ва кумак ба калонсолон дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ҷалб карда мешавад. Калонсолон, чи тавре ки ҳаёт гувоҳӣ медиҳад, дар намуди гуногуни истеҳсолоти моддӣ шуғл меварзанд ва ба боло бурдани кордониву салоҳиятноки хеш эҳтиёҷ дорад. Дар чунин ҳолатҳо ҳузур ва дастгирии омӯзгор-андрагог хеле муҳим ва зарур шуморида мешавад.

Андрагог, қабл аз ҳама, коршиноси соҳаи ТК маҳсуб меёбад. Вале коршиносони андрагогиро метавон дар дигар соҳаҳо низ ҷалб карда аз таҷриба ва кори онҳо метавон кумак гирифт.

Ин мавридҳо ба ҳайси вазифаҳои асосии мутахассиси андрагог пазируфта шудааст:

– доир кардани машваратҳои илмӣ роҷеъ ба проблемаи таълими калонсолон;

– ташкили умури машваратӣ, иҷтимоӣ ва монанди инҳо барои калонсолон оид ба проблемаи омӯзиши иҷтимоӣ, ҳаёти шахсӣ ва ғайра;

– роҳандозии корҳои ташкилию мудирият дар муассисаҳои таълимӣ, корхонаю коргоҳҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, зеро андрагог бояд ба таълим ва маърифатомӯзии калонсолон машғул бошад.

Андрагогҳо – мутахассисони соҳаи тавонбахшӣ, таълимӣ, ташкилӣ ва иттилоотӣ нигаронидашуда ва кор бо калонсолон мебошанд. Ба ибораи дигар, андрагогҳо мутахассисони ТК мебошанд. вазифаву амалҳои педагог – андрагог дар чаҳорчӯбаи амсилаи андрагогии таълим ва истифода аз технологияи муосири ТК чунинанд:

1. Яке аз вазифаҳои асосӣ мушаххас кандани имкониятҳои инфиродии калонсолони ба омӯзиш фарогирифташуда, вусъати сатҳу дараҷаи дониши тахассусии онҳо, ташаккули рағбат ва ҳавсмандӣ дар роҳи таҷдиди соҳаи интихобкарда ва салоҳиятҳои касбӣ мебошад. Албатта ба назари эътибор гирифт, ки ашхоси калонсол шояд мушкилоти моддӣ ва маънавӣ доранд ва дар роҳи кумак ва бартараф кардани душвориҳо ба онҳо мусоидат бояд намуд.

2. Дар раванди донишандӯзӣ ва парвариши зеҳну маърифати калонсолон дараҷаи воқеии тавоноии касбӣ ва салоҳияти инфиродии онҳо ба маърази омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, дар робита ба маълумотҳои ҳосилшуда роҳу равиши таҳсили босамарро роҳандозӣ бояд кард.

3. Салоҳияти касбии калонсолон вобаста ба тақозои навгониҳои давру замон, пешрафти илму техника, рӯ ба рушду тараққӣ ниҳодани талабот ва ниёзҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ ва маърифатӣ-зеҳнии онҳо такмил мехоҳад. Аз ин лиҳоз, калонсолони ба омӯзиш фаро гирифташуда дониш, маҳорат, малака, қобилият ва сифатҳои касбии худро ба фаъолияти ҳаррӯзаи худ бояд мувофиқ ва мутобиқ гардонанд. Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа ҷанбаи ҳавасмандӣ ва вусъати рағбату майли калонсолон ба таълими пайваста беш аз пеш меафзояд, зеро ҳамқадами замон будан аз омилҳои пешбарандаи ҳам шахс ва ҳам ҷамъият мебошад.

4. Дар низоми ташкил ва амалӣ гардонидани таълими калонсолон на танҳо ташхиси сифат ва камоли касбияти онҳо, балки таҷрибаи ҳаётӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Маҳз ҳамин афзалияти соҳиби таҷоруби касбу кор ва зиндагӣ будани калонсолон онҳоро аз хонандагони дигари муқаррарӣ фарқ мекунад. Таҷрибаи зиндагиро бузургони ақлу хирад мояи ифтихор ва пешрафти маънавии ҳар як инсони рӯйи замин шумурдаанд.

Рудакии бузургвор низ бесабаб нагуфтааст:

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Дар ин росто кордонӣ ва маҳорати омӯзгори андрогог мақоми басо хос дорад. Принсипҳои андрагогии таълим, амсилаи таълим, амсилаи кори омӯзгории андрагог, дониш, сифат, қобилият, маҳорат ва самтҳои асосии омӯзгор-андрагог ба татбиқи амсилаи салоҳиятмандӣ роҳ кушода, асосҳои амалии онро таъмин месозад. Маҳорати андрагог-муаллим дар асоси низоми донишҳои мушаххас пойдор ва устувор мегардад.

Боби чорум - «**Назария, методика ва роҳандозии шаклҳои мухталифи таълим: расмӣ, ғайрирасмӣ ва информалӣ**» - номгузорӣ гардида, зикр мегардад, ки дар ҳамаи марҳилаҳои ташхису санҷиш ва муқаррар кардани вазъи омӯзиш ва пешравии шахси калонсол мақоми пешбарандаро педагог –андрагог мебозад. Вай дар самти фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму таҳсил, муайян намудани сарчашмаҳои иловагии таълим, пешниҳоди адабиёти илмӣ баҳри вусъати фаъолияти мустақилонаи омӯзандаи калонсол хидмат ва азамат зоҳир мекунад.

Фасли якуми боби чорум - «**Моҳият ва асолати «таҳсилоти ғайрирасмӣ» аз назаргоҳи методология ва мақоми он дар низоми такмили ихтисоси омӯзгор**» ба масъалаҳои бархӯрдҳои методологӣ бахшида шудааст. Ба гуфтаи муҳаққиқи машҳур В. Сластенин дар илми муосир «мувофиқи методология, пеш аз ҳама, таълимот дар бораи принсипҳои сохт, шаклу усулҳои фаъолияти илмию маърифатӣ фаҳмида мешавад» [44].

Муҳаққиқ М.Шалков ин методологияро чунин муайян мекунад: «Вай ба проблемаҳои назариявии роҳу воситаҳои дониши илмӣ ва қонуниятҳои таҳқиқоти илмӣ ҳамчун раванди эҷодӣ дахл мекунад» (Ҷадвали 4.).

Таълимотҳо аз ҷониби муҳаққиқон Н.Ю. Андреев, Н.Н. Букин, С.П. Вершловский, А.А. Макарен ва дигарон оид ба масъалаҳо ва принсипҳо дар рӯҳияи муносибати андрагогӣ омӯхта шудаанд.

Мо ҳамчунин ба ақидаи муҳаққиқон дар бораи он ки муносибатҳои пешниҳоднамудаи фавқулзикр вижагиҳои методии пажуҳиши педагогиву психологиро бартараф месозад, ҳамфикрем. Н.В. Бордовская баъд аз таҳлили комили маъхазҳои илмӣ оид ба вижагиҳо хулосаи хешро баровардааст:

− тамоюлоти методологии муосир ба сифати ақидае, ки ба баррасисозии объектҳои пажуҳиш равонаанд;

− принсипҳое, ки ба муайянсозии стратегияҳои ашёву ин ё он роҳи коркарди дигаргуниҳои ашё мусоидат менамоянд;

− самтҳои методии пажуҳиши хоссаи илмиву методӣ, таҳияи амалиёти наву хусусияти иҷтимоидошта [6, с. 190-206].

**Ҷадвали 4.**

**Муносибатҳои методологӣ ҳангоми баррасии мундариҷаи истилоҳи «таҳсилоти ғайрирасмӣ»**

| № | Равандҳои муносибати методологӣ, ки баррасии мундариҷаи мафҳуми «таҳсилоти ғайрирасмӣ» ба он асос ѐфтааст | Диққат ба баррасии ҷанбаҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ |
|---|---|---|
| 1 | Муносибати шахсӣ-фаъолиятӣ | Тарзи ташкили кадрҳои педагогӣ дар муҳити таҳсилоти ғайрирасмӣ |
| 2 | Муносибати контекстуалӣ | Заминаи мушаххас ѐ муҳити ташкилӣ |
| 3 | Муносибати салоҳиятнокӣ | Имконот ба ташаккул ва рушди салоҳиятҳо |
| 4 | Муносибати муколамавӣ | Хусусияти ҳамкорӣ ва муошират |
| 5 | Муносибати иҷтимоию фарҳангӣ | Тамоюл ба аҳамияти таҳсилоти ғайрирасмӣ дар давраи таърихӣ |
| 6 | Муносибати гуманистӣ | Имкони расонидани кӯмак ба субъект баҳри ноил шудани ҳадафҳои фардию шахсӣ ва манфиатҳои касбӣ бо назардошти хусусиятҳои фардию шахсии таълимгиранда |
| 7 | Муносибати иттилоотӣ-технократӣ | Баррасии дигаргуниҳои муҳити иттилоотӣ - касбӣ ва имконияти азхудкунии он аз ҷониби субъект |
| 8 | Муносибати муқоисавӣ | Ошкор кардани хусусиятҳои таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ |
| 9 | Муносибати функсионалӣ | Имкон медиҳад функсияҳое, ки метавонад таҳсилоти ғайрирасмиро амалӣ созад ва дарк кард |
| 10 | Муносибати психологӣ | Хусусиятҳои психологии рафтори таълимгирандаро дар шакли таҳсилоти ғайрирасмӣ таъкид мекунад |
| 11 | Муносибати фаъолиятӣ | Хусусияти фаъолияти субъектро дар муҳити таҳсилоти ғайрирасмӣ таъкид мекунад |
| 12 | Муносибати эвтагогӣ | Мақоми худомӯзиро дар сохтори муттасили такмили донишҳо ва салоҳиятҳои ихтисос таъкид мекунад |
| 13 | Муносибати низомӣ | Имкон медиҳад, ки ба таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми таҳсилот ба таври умумӣ муносибат намоем. |
| 14 | Муносибати андрагогӣ | Имкон медиҳад, ки хусусиятҳои умумии хонандаи калонсол муайян карда шавад. |

Воқеан, истифодаи ибороти «муносибатҳои педагогӣ» (педагогические подходы) бо интихоби воситаҳои методии таъсиррасонанда дар алоқаи зич қарор дошта метавонад. Аз ҷумла, аз нигоҳи рушди назариѐт ва консепсияҳои соҳаи педагогика; тағйирдиҳии дастгоҳҳои илмиву таҳқиқотии пажуҳишгарон; муайян сохтани ҷараѐни назариявӣ ва амалӣ, ки аз онҳо устодон дар фаъолияти педагогии худ истифода мебаранд.

Баррасии назарияи таълими ғайрирасмӣ моро ба чунин хулоса овард, ки назарияи педагогӣ дар пояи ғояву принсипҳои интихобгардида бо назардошти омилу тамоюлот таҳия мегардад. Ба ин хулоса зимни омӯхтани маъхазҳои илмии мавҷуда дар бораи таълими ғайрирасмӣ дар системаи такмилдиҳии тахассуси омӯзгорӣ бо дарки вижагиҳои таълими ғайрирасмӣ ба воситаи равишҳои ҷадиди методӣ ноил гардидем.

Дар ин фасл ҳамчунин зикр мегардад, ки имконияти таълими ғайрирасмӣ аз мавқеи ташаккул ва инкишофи зеҳнӣ-маърифатии калонсолон дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим муайян мегардад. Аз ҷумла, нисбати муносибати муколамавӣ гуфтан мумкин аст, ки таваҷҷуҳи асосӣ бо мақсади дида баромадани нуқтаи назари ашхоси калонсол дар заминаи фаъолмандии онҳо дар риштаи ҳамкориҳо дар ТҒ равона мегардад.

Дар фасли дуюми боби чорум - «**Масъалаҳои методологии рушди назарияи «таҳсилоти ғайрирасмӣ» оид ба назарияи фалсафӣ – антропологии иртибот ва**

**муоширатˮ** дар бораи назарияи фалсафӣ ва антропологии муоширати ва назарияи иртиботу муоширати дар ТҒР оид ба табиати фалсафӣ ва антропологии масъалахои методологӣ баррасӣ шудааст. Маҷмӯи назарияҳои андрогогӣ дар пояи илм тавлид ёфта, худи назария ҷузъи асосии сохтори мантиқии илми андрогогика мебошад.

Мо дар асоси дарки моҳияти таҳсилоти ѓайрирасмӣ ва такмили ихтисос (НТИ) дар пойгоҳи эмпирикӣ падидаи мазкурро дар раванди тағйири фаъолсозии таҷрибаи қаблӣ дар вазъи нави омодагии касбии омӯзгорон дар давраи омӯзиши фаъолияти муоширати иштирокчиёни тренинг ба маърази омӯзиш ва таҳқиқ қарор додем.

Дар робита ба инкишофи назарияи таълими ғайрирасмӣ ақидаи хешро баён намуда, ба он такя кардем, ки назарияи таълими ғайрирасмӣ ин ё он дониши воқеӣ, тавсифоти принсипу вазоифро, ки дар ҷараёни таҳқиқот татбиқи худро ёфтаанд (барои чӣ?, дар куҷо ва чӣ тавр?), дар бар мегирад.

Калиди методологии сохтори ТК ба назарияи фалсафӣ ва антропологӣ иртибот дорад, зеро амсилаи назариявии объекти омӯхташаванда яклухт тавассути ҳар як қонуни таркибии фаъолияту инкишоф бо роҳи таълими ғайрирасмӣ дар системаи такмилдиҳии тахассуси касбӣ дар соҳаҳои воқеиву иҷтимоиӣ дар бар мегирад.

Дар рафти таҳқиқ ба хулоса омадем, ки дар илми муосир ин ё он равиш барои муайянсозии истилоҳи «ҳамкориҳо» мавҷуд аст. Файласуфон ҳамкориҳоро дар дараҷаи экзистенсиалии он чун зуҳури воқеию ҳаматарафаи кулли ашё ва чизҳо мефаҳманд. Шарҳи мафҳуми ҳамкориҳо ба воситаи ҷараён ба сифати яке аз консепсияҳои фалсафии муосир, ҷараёни алоқаи дутарафаи организмҳои мухталиф чун шакли ҳаматарафаю умумии тағйирёбӣ муқаррар мегардад.

Масъалаи дигаре, ки дар ин фасл матраҳ ёфтааст, тафсири мафҳуми эвтагогика (аз юн.euretikos – эвтистика, муайянкунӣ зиракию қобилияти, ошкорсозӣ) – омӯзишу бароҳмонӣ, ки мазмуни иҷрои ихтирову ошкорсозиро дар бар мегирад. Ин самт чун омӯзиши мушкилиҳо дар мутобиқсозӣ шарҳи худро меёбад. Ин самт ба амалигардонии фаъолияти навоварона нигаронида шудааст. Коромӯзон ба таҳлилу амалигардонии таҳсили калонсолон дар заминаи донишҳои қаблӣ таваҷҷуҳи хос намуда, раванди омӯзиши эҷодкориро бо мақсади истифодаи усулҳои интерактивӣ ва инкишоф додани он дар мавриди таҳлил ва синтези қарор додаанд.

Фарқияти миёни эвтагогикаҳо ба сифати методҳои ҷараёни таълимӣ аз нуқтаи назари рӯй овардани муҳаққиқ ба ТР, дарс, дигаргуншавии таваҷҷуҳи омӯзгорон ба талаботи муосир дар таълими калонсолон таркиб меёбад. Рӯоварӣ ба худомӯзии муттасил ва иттилоот дар таълими ғайрирасмии муосир ба мутодҳои анъанави таълим вобатаast, зеро ТҒ методҳои эвтогогиву андрагогии муосирро дорад. Маҳз методикаи эвтагогиро барои ташаккул додани таълими калонсолон тавсия додан мумкин аст.

Дар пойгоҳи ғояҳои мавҷуда оид ба муҳтавои консепсияҳои ТҒ ва баррасии муқоисавии роҳу усули ашхоси калонсол дар рафти пажуҳиши педагогӣ принсипу бартариҳо, имконоту вазифаҳои ТҒ-ро ошкор сохтем. Ҳамаи он имконияте, ки ба вазоифи мухталиф нигаронида шудаанд, ба таври зайл баррасӣ мегарданд;

– мусоидаткунӣ ба рушди ҳар як ҳамкории иҷтимоӣ дар замони ҳозира;

– ба таври мусбат расонидани таъсир бо мақсади беҳгардонии вазъияти иҷтимоиву шаҳрвандӣ дар ҷомеаи муосир;

– боиси бобарор шудани миқдори сершумори иштирокчиёни раванди таълим ҳангоми мутобиқгардонии таълими муштараки хурдсолону калонсолон ва барномаи кории таълимӣ;

– мусоидаткунӣ ба қаноатмандгардонии талаботи фардии ҳар як субъекти ҷараёни таълиму тарбия;

– мусоидатнамоӣ ба болоравии дараҷаи саводнокии субъектони калонсол дар ҷараѐни таълими ғайрирасмӣ барои баланд бардоштани иқтидори таълимии МТ, корхонаҳову ташкилотҳо, таъсиррасонии мусбӣ ба инкишофи онҳо;

– илова кардани донишҳо, маҳоратҳову малакаҳо дар чорчӯбаи мотиватсиякунонӣ, бедор намудани шавқу ҳаваси муҳассилин, боло бурдани дараҷаи маданиву маърифатӣ, бадастории донишу маҳорат ва малакаҳои зарурии мутобиқ ба ҳаѐти ҳаррӯзаи онҳо дар ҷодаи муошират бо ашхоси гуногун бо мақсади ширкатварзӣ дар навҳои мухталифи фаъолияти аҳмияти иҷтимоидошта, ки бо маданияти иттиҳодиявӣ бевосита алоқаманд мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳсилоти ѓайрирасмии андрогогӣ дар асоси назарияи фалсафӣ ва антропологӣ баррасӣ карда мешавад ва имкон медиҳад, ки падидаи дар муколама ба вуҷудомада нишонаҳои барҷастаи фаъолияти коммуникативии муҳассилин маҳсуб меѐбад. Дар баробари шаклҳои фаъолияти коммуникативӣ ҷузъҳои таҳсилоти ѓайрирасмӣ ва вазифаҳои он муайян карда шуданд, ки ба мо имкон медиҳад аҳамияти муҳими таҳсилоти ѓайрирасмиро барои кор бо омӯзгорон тавсия намоем.

Фасли сеюми боби чорум **- «Ҷанбаҳои дидактикии таълими ѓайрирасмӣ дар низоми рушди касбият»** ба тавсиф ва баррасии хусусиятҳои дидактикии рушди маҳорати касбӣ дар низоми ТҒ бахшида шудааст.

Таваҷҷуҳро дар бахши мазкур ба ҷанбаҳои дидактикии таълими калонсолон равона кардем. Дар рафти таҳқиқ суоле матраҳ гардид: барои ташаккулдиҳии таълими ғайрирасмӣ чӣ гуна методу технологияҳо бояд корбурд гардид ва вижагиҳои махсуси таълими ашхоси калонсол аз мавқеи назарияи антропологӣ ва фалсафӣ чӣ гуна бояд бошад.

Мо чунин мешуморем, ки донишу маҳоратҳои калонсолон вижагиҳои хосро бобати интихоби роҳу усули таълими онҳо тавассути салоҳияти касбии педагог дар бар мегирад. Аз ҷумла:

– мавҷудияти касб, дониш, малака ва маҳорат;
– раванди «бор кардани иҷборӣ» барои таълими калонсолон омӯхта шавад;
– омӯзиши бештар донишу иттилооти ҳаѐтан зарур;
– чиҳоро дар ҷараѐни таълим бояд омӯхт;
– ба назари эътибор гирифтани синну соли физиологиву равонии калонсолон.

Мувофиқи ин таҳқиқот калонсолони ҳозира он чизеро, ки шунидаанд, пас аз ду рӯз (50%) , пас аз як ҳафта (80%), пас аз як моҳ (90%) фаромӯш мекунанд. Бинобар ин, зимни ташаккулдиҳии ҷараѐни таълимии ашхоси калонсол ба намуди ТҒ интихоби методу оиномаи таълимӣ лозим мебошад. Ин ба ҳаллу фасли масъалаи мазкур ѐри мерасонад.




**Расми 3. Диаграммаи ташкили таълими калонсолон ва фаромӯшхотирии онҳо**

Муносибат ба омӯзиши ТҒ аз нуқтаи назари фаъолияти коммуникативӣ ва муносибати эмпирикӣ ва назарияи он, интихоби роҳу усул, шаклҳо ва технологияҳо, таҷрибаи калонсолон, аз ҷумла, малакаҳои муошират ҳамчун консепсияи асосӣ интихоб карда шуд. Дар ТҒ нақши асосӣ ба коромӯзон (кадрҳои педагогӣ) дода мешавад, ки ин ғояи асосии таълимро пеш бурда бошанд.

Хусусияти дидактикии ТҒ дар он зоҳир мегардад, ки функсияи омӯзгорон барои кӯмак расонидан ба калонсолон муайян шуда, роҳи интиқоли дониш танҳо тавассути лексияҳо ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, мувофиқи принсипҳои дидактикӣ дар ТҒ тариқи роҳандозии технологияи педагогӣ омӯзиши калонсолон дар заминаи машқҳои амалие ба амал меояд, то масъалаҳои истеҳсолии муосир ҳаллу фасл гарданд. Калонсолон аз малакаҳое, ки ба даст овардаанд, бояд истифода баранд.

Ба роҳ мондани ТҒ ва низоми интихобгардида, амсилаҳои роҳандозии таълимиро бо дарназардошти ҳолатҳое, ки дар фавқ ёдовар шудаанд, тақозо мекунад. Дар ТҒ чунин низом самараноктарин ҳисоб меёбад, ки мувофиқи он вазъу ҳолати таълим, мушкилиҳову вазифаҳои лозимии омӯзгор тавассути таҷрибаи касбии педагогӣ татбиқи худро меёбад. Ин низом ҳангоми ба роҳ мондани муколамаҳо бо мақсади коммуникатсия (иртибот)ҳал мегардад.

ТҒ дар фасли аввали диссертатсия чун унсури коммуникатсионӣ тавассути муошират дар сатҳи макроӣ - муомилаи таълимдиҳандагон бо шахси дигар чун муносибати иҷтимоӣ рӯйнамо мегардад. Сатҳи мезони мавҷуда - робитаи инфиродии касбии педагогӣ байни омӯзандаву муҳассилин ба шумор меравад. Корбурди технологиву интихоби роҳу усули таълим дар заминаи муносибатҳои иҷтимоӣ, фаҳмидани ҳамдигар, аз ҷумла, рафтору кирдор, ҳусни баён, тафсиру шарҳ бо корбурди методҳои муайяни кори омӯзгор роҳандозӣ мегардад. Аз тарафи омӯзгор дарк гардидани шарҳу таъсиррасонии ҳамкасбонаш, муайян намудани ҷараёнҳо дар сохти ТҒ дар расми 4 ба шакли нақша пешниҳод карда шудааст.

Ба таълимии ғайрирасмии калонсолон равона сохтани механизмҳои зикршуда ба воситаи фаъолияти корӣ, амсоли пешниҳод, изҳори ақида, пешниҳоди ахбор, дархост, монолог, муколама, полилогия имконпазир мегардад.




**Расми 4. – Амсилаи ҷанбаи дидактикӣ дар сохтори таълими ғайрирасмӣ**

Дар ин фасл ҳамчунин оварда шудааст, ки пойгоҳи чунин баррасӣ ҷанбаҳои дидактикиро дар таълимӣ калонсолон ташаккул медиҳад ва раванди босамари таълим тавассути вазъи воқеии фаъолияти омӯгори андрогог татбиқи худро меёбад. Дар

ҷараёни ҳар як чорабинӣ ҳамкориҳои таълимгирандагон паҳлуҳои зерини дидактикии ТҒ, амсоли фаъолияти омодагӣ муаянсозии маълумот, таҳлил ва муносибати интиқодӣ, машқ барои эҷодкорӣ, идора намудани раванди омӯзиш, самараноки санҷишу назорат, тағйири роҳу усули таълим, диди нав ва ғайраро дар бар мегирад (Ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5.**

**Фаъолият тавассути коммуникатсияи монолог, муколама ва полилог**

<table>
<tr><th>Микросатҳ</th><th colspan="2">Макросатҳ</th><th colspan="2">Мезосатҳ</th></tr>
<tr><td>Шаклҳои таълим</td><td colspan="2">Усулҳои таълим</td><td colspan="2">Технологияҳои педагогӣ</td></tr>
<tr><td>Ҳаммонанд кардан</td><td>Рефлексия</td><td colspan="2">Стериотипкунонӣ</td><td>Иттилооти баръакс</td></tr>
</table>

Бо дарназардошт афкори муҳаққиқону донишмандони соҳаи андрогогика сохтори масъала ва вазифаҳоро ба таври зайл тасниф кардан мумкин аст:

1) *ҳавасмандсозӣ* – вазъияти мушкили ҳол, робита бо амалиёти ҳавасмандсозии муҳассилини калонсол;

2) *сарҷашмаи иттилоотӣ* – ҷамъи маводи таълим, ки барои ба даст овардани муваффақиятҳо дар таҳсил зарур мегардад;

3) *тавсияе, ки нигаронӣ ба нишондоди фаъолияти кориву натиҷа ҳисоб меёбад* (амалиёти касбии маъмул дар пойгоҳи салоҳиятнокӣ, ба монанди ҷамъбасти маълумот, таҳияи слайдҳо бо роҳи рӯйнамо (презентатсия);

*4) озмоиши ақлӣ бо истифодаи меъёр* – пайдарҳамии афкор ва мулоҳизот тавассути иқтибоси таҳияшуда.

Муҳақиқ Г.А. Клюева вазифае, ки ба салоҳиятҳо равонааст, аз қабили масъалаҳое, ки тарроҳӣ мегарданд, ки аз баъзе салоҳиятнокии касбии педагогӣ аз ҷониби таълимдиҳанда ва ашхоси дигар таҳияи худро меёбад, аз сохти намоиши ҳар як слайди зарурӣ таркиб мегардаду дар ТҒ пешниҳод мешавад. Ҳангоми коркард намудани вазифаҳое, ки ба салоҳиятҳо нигаронида шудаанд, якчанд шароит мавриди баҳисобгирӣ бояд қарор ёбад:

– функсияҳое, ки ба иҷрои нақшҳое, ки хоссагиҳои иҷтимоиву касбӣ доранд, равонаанд;

– вазифае, ки ба касби педагогӣ равона карда шудааст; вазифаи ҳамрокунӣ ба тавсифоти ин ё он шарт дар фаълолияти корӣ ҷараёнгиранда [17, с. 29-30].

Фасли чоруми боби чорум – «**Воридкунии таҳсилоти ѓайрирасмӣ ба низоми такмили ихтисос**» таҷрибаи вилояти Хатлони ҶумҳурииТоҷикистон ва аҳамияти ТҒ-ро дар низоми такмили ихтисос собит месозад. Дар ин фасл намудҳои имконпазири дохил кардани ТҒ ба низоми такмили ихтисоси ҳайати педагогон баррасӣ шудааст. Омӯзиши таҷрибавии мундариҷаи такмили ихтисоси ҳайати педагогҳо дар вилояти Хатлон имкон дод, то натоиҷи лозимӣ ҳосил гардад ва он мавқеи ТҒ-ро дар МТИК-ҳо мунъакис намоянд. Аён сохтем, ки тахминан то солҳои 2012-2013 омӯзгорон аз мафҳуми ТҒ бехабар буда, таълими ғайрирасмӣ дар дараҷаи фаҳмиш ва идроки одӣ қарор дорад.

Аз соли 2014 вазъияти мазкур ба тағйирёбӣ дучор гардид ва мо кӯшидем, ки ин ё он амсилаи такмилдиҳии тахассуси омӯзгоронро мавриди омӯзиш қарор диҳем. Вижагиҳои амсилаи диссертатсияро бо баҳисобгирии мушкилоти омӯзгорон муайян намуда, методи назорати гурӯҳӣ дар заминаи раванди додани ваколат ва азбарнамоии

ваколатҳо, рушди маҳорату малакаҳо, зиёд кардани донишҳоии фаъоли назариявю амалӣ пайдо шудааст.

Тавассути навъҳои ҳамкориҳои коллективии омӯзандагон ин метод ба инкишоф додани ҳисси масъулиятшиносии омӯзандагон кӯмак мерасонад. Методи назорати гурӯҳӣ аз навъҳои таълимии берун аз ҷойи кор ва дар ҷойи кор мебошад. Дар заминаи таҳлили мушкилоти мавҷуда ва бо мақсади бароҳмонии ҷараёни омӯзгорӣ таълимгирандагон донишу малакаҳои надоштаашонро аз худ мекунанд. Бояд ба назар гирифт, ки маҳорату малакаи омӯзгорӣ мутаасил руш меёбад, нодониро бартараф мезозад, ин ё он мавзуи таҳқиқотро ба мавзуи дигар, самтҳои чораҳаро ба самтҳои дигари татбиқи он равон месозад.

Муҳимияти ТК дар системаи такмилдиҳии тахассусро таҷрибаи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад. Ҷараёни омӯхтани системаи ТК дар манотиқи мухталиф аз номавҷудияти системаи мақсадноку фарогирандаи ТК дар кишвар хабар медиҳад. Як қатор паҳлуҳои онҳо дар муассисаҳои маълумоти иловагии касбӣ дар шаҳрҳои Бохтару Кӯлоб, Норак, ноҳияи Данғара ҷой доранд. ТК дар робита бо паҳлӯҳояш ба ин ё он курс ҷудо мегардад, дар ин ҷо ашхоси касби мухталиф дар вобастагии синусолӣ ширкат меварзанд, ба пайгирии мақсади асосӣ мекӯшанд. Аз байни онҳо курси «Маълумотнокии ахборотӣ», курси «Омӯзиши забони англисӣ дар сатҳи гуфтугӯ», курси «Андозбандӣ» ва курси «Таълими психологияи муосир» гузаронида мешавад.

Аз ҷумла, дар Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон ва кормандони соҳаи маорифи минтақаи Кӯлоб (ДТИБОКМК) 114 ҳамчун таҷрибаомӯз аз санҷиш ва фаъолияти ҳамаҷониба гузаштанд. Дар равнди такмили ихтисос шаклҳои гуногуни таълим - расмӣ, ғайрирасмӣ, информалӣ барои ҳар се шакли ташкили раванди таълим дар шароити ДТИБОКМК таҳия шудаанд: ҳамзамон, параллелӣ, хаттӣ.

Такмили доимии касбии муаллим ҳамчун ҳамгироии таҳсилоти ТР, ТҒ ва ТИ ба ҳисоб меравад (ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6.**

**Интегратсияи таҳсилоти расмӣ, ғайрирасмӣ ва информалӣ (иттилоотӣ)**

| Таълими расмӣ | Таълими ғайрирасмӣ | Таълими информалӣ |
|---|---|---|
| Курсҳое, ки ҳайати педагогон устодони донишгоҳҳо, коршиносон ва фасилитаторҳо, сипас мукофот, диплом ѐ сертификатро дарбар мегиранд | Таълим, ҷустуҷӯ, мактабро мавриди диққат қарор диҳед. Ҳамкории мактаб бо донишгоҳ. Шабакаҳо оид ба манфиатҳои умумӣ, фанҳо, инноватсияҳо. Иттиҳодияҳои таҷрибадорон | Фардӣ, шахсӣ. Суҳбатҳоро дар утоқи педагог, маърӯзаҳои якдафъагӣ, муошират дар оила, бо дӯстон, хондани маҷаллаҳои тахассусӣ, телевизион, видеоро дар бар мегирад. Гуфтугӯҳои тасодуфӣ, хобби ва манфиатҳо |

Дар Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар шаҳри Бохтар кори босамар ба сифати таҷриба ва бо ширкати 114 нафар педагогон аз минтақаҳои дигар татбиқ карда шуд.

Дурнамои ТҒ дар шакли амсилаи *«таҷрибавии сомона»* ба таври зерин пешниҳод гардид:

1. Самти мундариҷаи такмили ихтисос барои ташаккул ва рушди салоҳияти касбии ҳайати ҳайати кормандони педагогӣ ва маъмурият аз нигоҳи диди нави дастури психологӣ, ҳавасмандиву пайгирӣ кардани арзишҳои маърифатӣ дар раванди инкишофи касбӣ ба воситаи амиқсозии корҳои маърифатию таълимӣ бо ҳамкасбону омӯзгорони гурӯҳҳои дар ҷараѐни таълим қарордошта;

2. Татбиқи доимии ҳар як курс ва давраи инкишофи касбии педагогӣ бо ѐрии консепсияи таълими мунтазам тавассути ҳамгиросозии тамоми унсурҳои имконпазири ҷараѐни таълими муосир, аз қабили ТР, ТҒ, ТИ, инчунин фосилавию мустақим. Воридсозии таълими ғайрирасмии калонсолон ба рушди низоми анъанавӣ дар роҳи такмили тахассуси омӯзгорон тавассути амсила, омӯзиш ва худомӯзии мустақил саҳми арзанда мегузорад.

3. Алъон дар Тоҷикистон шакли нави таҳсили омӯзгорон ба вуҷуд омадааст, ки он таҳсилоти ТҒ мебошад Ба ин навоварӣ озмунҳои касбии педагогӣ, аз қабили «Омӯзгори беҳтарини сол», «Беҳтарин муассисаи таълимӣ», «Беҳтарин синф» ва ғайра дохил мешаванд. Илова бар ин, намоишҳои намунавӣ, фестивалҳои таълимдиҳандагон, панорамаҳои ғояҳои педагогӣ, хонишҳои педагогиву касбӣ барои таълимдиҳандагон, марафонҳои инноватсияҳои касби педагогии муосир, дарси видеоӣ (видеоурок), омузишоти иттиҳодиявии ҳозира, мактаби роҳбарон ва амсоли он мансубанд. Ҳамаи навъҳои ҳамкорӣ байни таълимдиҳандагон ба таҳсилоти ѓайрирасмии муосири педагогӣ равонаанд ва онҳоро дар низоми рушди иҷтимоӣ ба сифати таълими ғайрирасмӣ пазируфтан салоҳ аст.

Метавон тазаккур дод, ки дар шароити Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии вилояти Хатлон мо тавонистем намудҳои гуногуни ҳар се шакли раванди таълимро таҳия ва озмоиш намоем (расмӣ, ғайрирасмӣ ва иттилоотӣ) тариқи хаттӣ, мувозӣ ва баробар.

Воридоти ТҒ-и омӯзгорон ба воситаи муайянсозии вазоифи омӯзгорони оянда, ки дар минтақаи Бохтар мавриди санҷиш қарор ѐфт.




Дар таҳқиқоти Т.Л. Дубровина [12, с. 200-201] методологияи дохил кардани ТҒ ба низоми такмили ихтисосро баррасӣ шудааст. Ба ҷадвали 8 нигаред.

Заминаи воридсозии методи мазкури таҳсилоти ғайрирасмии муосир ба системаи такмилдиҳии тахассуси педагогӣ ин бароҳмонии баҳсҳои илмӣ бо корбурди фокус – гурӯҳ дар синфҳои мактабӣ оид ба мушкилиҳои касбӣ ва педагогие, ки ишора карда шудаанд баъдан баромадани ҳар як қисми мушкилот дар гурӯҳи хурд ҳисоб меѐбад. Муҳокимаронӣ аз қавоиди натоиҷи фаъолияти гурӯҳи алоҳида (идомаѐвӣ, сохт, авомили вақти додашуда, маводҳои таҳияшуда барои муаррифӣ, баҳодиҳӣ) таркиб меѐбад. Дар оғози машғулият таълимдиҳанда ҳар як меъѐри баҳодиҳии натоиҷи таҳиянашудаи худро ба муаллимон пешкаш мекунад. Ҳамзамон ӯ чунин меъѐрҳоро якҷоя бо омӯзгороне, ки дар курсҳо ширкат меварзанд таҳия карда метавонад.

**Ҷадвали 7.**

**Дохил намудани ТҒ ба низоми муттасили таълим**

| № | Марҳилаҳои кории субъектҳои таҳсилот | Амалҳои омӯзишӣ | Амалҳои омӯзандагон |
|---|---|---|---|
| 1. | То оғози таҳсилоти расмӣ | Воқеаро ташаккул медиҳад, маводҳои асосӣ ва иловагиро барои кор дар курсҳо интихоб мекунад, сенарияи дарсҳоро тахия менамояд, тартиби дохил кардани таҳсилоти ғайрирасмиро муайян мекунад, муаррифӣ, тарзи ташкили кори гурӯҳҳоро омода месозад | Бо воқеаи тайѐр ѐ талабот барои ташаккули қисми муайяни кор, рӯйхати адабиѐти пешниҳодшуда шинос мешавад. Ба машғулиятҳои мустақилона тайѐр мешавад, то ин ки донишҳои худро оид ба *«номуайян»*-и муҳокимашавандаи мушкилоти касбию педагогӣ намоиш диҳад |
| 2. | Дар вақти машғулиятҳо дар низоми таҳсилоти расмӣ | Баҳсро оид ба муҳокимаи кор ташкил мекунад, микрогурӯҳҳоро оид ба мувофиқ омадани донишҳои *«чаҳолат»* барои муҳокимаи масъалаҳои касбӣ ва педагогӣ, мушкилоти воқеа дар гурӯҳҳо ташкил мекунад, ҳангоми зарурат ба онҳо иттилооти иловагӣ медиҳад. Модерраторро дастгирӣ мекунад | Онҳо саволҳое медиҳанд, ки фаҳмиши кор ва мушкилотро амиқ мекунанд, ҳалро барои қарорҳо тахия мекунанд, ибрози ақида намуда, қарорҳо қабул мекунанд |
| **3.** | Баъди машғулият дар низоми таҳсилоти расмӣ | Натиҷаҳои фаъолияти шунавандагорно арзѐбӣ мекунанд, аз он ҷумла, арзѐбии коллективиро тавассути изҳори ақидаҳо дар бораи қабул шудан ва ҷавоб ба саволҳои гузошташуда | Ҳисоботи хаттӣ дар бораи дарс оид ба мушкилоти дар ин воқеа пешниҳодшударо нависед ва вазифаҳоро барои ин мушкилоти пешомадаи педагогӣ иҷро намоед |
| **4.** | Таҳсилоти ғайрирасмӣ | Шавқи касбии омӯзандагонро дар курсҳо оид ба мубодилаи таҷриба, ки дар оянда мехоҳанд оимӯзанд | Қайд мекунад, ки ӯро курсҳо ва мубодилаи таҷриба ба худ ҷалб кардааст ва ӯ нақша дорад, ки таҳсилро дар раванди ТҒ давом диҳад |
| **5.** | | Воридкунӣ ба мундариҷаи курсҳо барои дигар хонандагон мувофиқ ҳисоб мешаванд, муайян мекунад | Дар оянда нақша дорад, ки воҳӯриҳои касбиро бо ин ҳамкасбон тавассути шаклҳои мухталифи ҳамкориҳо анҷом диҳад |

**Дар боби панҷум - «Натиҷаҳои озмоиш оид ба муайян кардани мақоми таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили тахассус»** натиҷаҳои таҷриба оид ба муқаррар намудани нақш ва мавқеи ТҒ дар низоми такмили ихтисосро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додааст.

Дар фасли якуми боби панҷум **- «Маълумоти курсҳои такмили ихтисос дар ташкилоти таҳсилоти иловагии касбӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)»** иттиллоот ва нишондиҳандаҳои курсҳои такмили ихтисосро барои таҳсилоти иловагӣ дар

вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Дар ин банд мо мақсад гузоштем, ки мундариҷаи курсҳои бозомӯзиро ҷиҳати муайян кардани мавқеи ТҒ дар низоми такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгорӣ (андрогогҳо) барои солҳои 2016-2022 таҳлил кунем.

Дар донишкадаҳо аз соли 1999 такмили ихтисоси сохтори модулии барномаҳо ҷорӣ карда шудааст, аммо дар низоми маориф ҳам дар мундариҷаи таълим ва ҳам дар худи сохтор дигаргуниҳо ба амал омадаанд. Дар вилояти Хатлон омӯзиши минбаъда тавассути ДТИБОКМК дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– такмили ихтисос бо аризаи муассисаҳои таълимӣ ва ҳайати омӯзгорон тибқи дархости истифодабарандагон амалӣ карда мешавад;

– таҳсилоти ҳатмӣ (72 соат) мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» аз рӯи квота дар ҳамаи 24 ноҳияи вилояти Хатлон татбиқ карда мешавад;

– тақсим ва ҷамъоварии квота салоҳияти шуъбаи кор бо кадрҳои педагогии Раёсати маориф ва илми Ҳукумати вилояти Хатлон мебошад.

Таҷрибаомӯзӣ ва семинарҳои саҳроӣ бо усулу шеваҳои инноватсионӣ ва таҷрибавӣ ташкил карда шудаанд:

– ҷорӣ намудани маводи нави таълимӣ дар синфҳои ибтидоӣ (таълими ибтидоӣ ва томактабӣ (МТМУ №№1,3,4,5,50,51,52,53 ш.Кӯлоб);

– таҳсилоти касбӣ (МТМУ №№7,9,51, ш. Кӯлоб, кафедраи педагогика);

– ҳамгироӣ ба силсилаи фанҳои табиатшиносӣ (МТМУ №9, шӯъбаи таълими табиатшиносӣ-риёзӣ);

– санҷишу таҷриба ва татбиқ дар синфҳои 7-ум курси «Фанҳои ҷамъиятшиносӣ» (МТМУ №6-и ш. Кӯлоб, шуъбаи педагогика ва ҷамъиятшиносӣ);

– муҳити таълимие, ки нигаҳдории тандурустиро таъмин менамояд (МТМУ №9-и ш.Кӯлоб, кафедраҳои психология ва педагогика).

Омӯзгорон-навоварон, ки бо проблемаҳои муайяни касбии ҷанбаи шахсӣ водор шудаанд, ба низоми ТҒ дохил шуданд.

Сохтори тайёрии курс дар соли 2017 такмил дода шуд, аммо мундариҷаи он тағйир наёфтааст.

Аз соли 2014 то соли 2017 дар сохтори тайёрии курс (72 соат) тағйирот ворид карда шуд.

Дар соли 2021 курсҳои бозомӯзии ҳамаи омӯзгорони фаннӣ ҷорӣ карда шуданд, ки ин аз ҳисоби ҷорӣ намудани таълими ҳамгироӣ (интегралӣ) дар мактаби оммавӣ мебошад.

**Ҷадвали 8.**

**Ҷойгоҳ ва мавқеи ТҒ дар сохтори низоми анъанавии такмили ихтисос**

| № | Солҳои таълим дар курсҳои такмили ихтисос | Фоизи кадрҳои педагогӣ, ки таҳсилро дар нозоми таҳсилотӣ расмӣ гузаштанд | Фоизи кадрҳои педагогӣ, ки таҳсилро дар нозоми таҳсилотӣ ғайрирасмӣ гузаштанд |
|---|---|---|---|
| **1.** | 2016 | 96% | 4% |
| **2.** | 2017 | 92% | 8% |
| **3.** | 2018 | 88% | 12% |
| **4.** | 2019 | 94% | 6% |
| **5.** | 2020 | 93% | 7% |
| **6.** | 2021 | 97,8% | 2,2% |




**Расми 6. – Диаграммаи тамоюли афзоиши ҳиссаи ТЍ**

Дар фасли мазкур андешаҳои мо бо назардошти шакл, мазмун ва ташкили курсҳои такмили ихтисоси муаллимон иброз ёфтаанд.

**Ҷадвали 9.**

**Иштирокчиѐни курсҳои филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 2016-2021**

| Солхо | Курсхо | Семинархо | Умумӣ | Занхо | Мардхо |
|---|---|---|---|---|---|
| **2013** | 60 | 63 | 2503 | 901 | 1602 |
| **2014** | 62 | 49 | 2372 | 830 | 1542 |
| **2015** | 74 | 54 | 2583 | 949 | 1634 |
| **2016** | 69 | 48 | 1494 | 654 | 840 |
| **2017** | 138 | 32 | 3764 | 1737 | 2027 |
| **2018** | 287 | 98 | 5166 | 2098 | 3068 |
| **2019** | 98 | 9 | 2623 | 1171 | 1452 |
| **Ҳамагӣ** | **788** | **353** | **20505** | **8340** | **12165** |

**Расми 7.**

**Диаграммаи болоравии иштирокчиѐни курсҳои филиали «ФМДДТИБКСМ» дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 2016-2021**



Дар фасли мазкур зикр мегардад, ки бештар аз 48%-и вақти таълим ба ин ѐ он машқи амалӣ ҷудо мегардад. Зимни коркарди курсҳо технологияву амсоли таълимӣ корбурд мегарданд. Чуночи, ҳар як технологияи фаъолияти омӯзгор ба ташаккули малакаву маҳорати калонсолон таъсир расонида, ҳамзамон ба рушди касбии педагог ҳавасмандиро тавлил мекунанд. Аз ҷумла:

1) бозии маърифатӣ;
2) тадрис дар асоси амсила;
3) семинарҳои таълимиву маърифатӣ;
4) ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда;
5) таҳияи матни ҳаҷман калон;
6) таҳрезиву амсиласозӣ;
7) корҳои қиѐсӣ дар таҳлили ҳар як китоби дарсии типи нав;
8) рӯномаҳо;
9) амалҳои эҷодӣ;
10) лоиҳаи ҳимоя;
11) омӯзишҳо;
12) муаррифи кардани таҷоруби пешқадами омӯзгорон;
13) вохӯриҳо бо таҳиягарону муаллифони маводҳои таълимиву маърифатӣ.

Ба мундариҷаи омодасозии курсҳо барои тамоми омӯзгорони МТМУ-ҳо мувофиқи ҳар як самти ташаббусҳои миллӣ дар соҳаи таълим зери унвони «Муассисаи таълимии нави мо» дигаргуниҳо дохил гардидаанд. Илова бар ин, дар алоқа бо амалигардонии лоиҳаи «Фазои бе монеа» дар минтақа (ташкил намудани синфҳои ҳамгирой дар МТ ва ҷорисозии таълими фосилавии хурдсолоне, ки доираи маҳдуди имконият доранд).

Ифодакунандаи доираи зерини шунавандагон мебошад; мушовирону мутахассисони маорифи мамлакат, сарварон, ҷонишинҳои мудири МТ; омӯзгорони МТМУ, синфҳо, муассисаҳои махсус гардонидашуда; омӯзгороне, ки дар синф бо хурдсолоне кор мекунанд, ки имкониятҳои ҷисмониашон маҳдуд аст; таълимдиҳандагоне, ки бо кӯдакони хурдсоли нуқсондошта ба таври фосилави кор мекунанд; педагогони ичтимоиву равоншиносон, мутахассисоне, ки бо иҷозатномадиҳиву акредитатсиякунонӣ дар соҳаи таълим, ҷонишинону роҳбарону омӯзгорони ТИ.

Барои сарварони МТМУ ба муҳтавои курсҳо чунин саволҳо ворид гардидаанд:

− созмони таълими ҳаматарафаи хурдсолоне, ки имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ доранду дар МТМУ таҳсил мекунанд;

− корбурди маълумоти санҷишии кори ҳаррӯзаи муассисаҳои таълимии муосир, ки дар банақшагириву мустаҳкамсозии қарорҳои идоракунӣ масъулиятро ба дӯши худ доранд;

− ташхиси самтҳои афзалноки фаъолият бо дарназардошти натоиҷи фаъолияти мустақили китобхонаи муассисаи таълимӣ;

− ташкили корҳо бо мақсади ҳифзу такомули саломатии омӯзандагон зимни ҷалби кормандони соҳаи тибби вилояти Хатлон;

− ташкили корҳои беруназсинфӣ, беруназмактабӣ, амсолӣ маҳфилҳо дар атрофи мавзуъҳои мухталифи муҳассилин;

− дохилкунии технологияҳои нав дар раванди таълимӣ ва корбурдашон дар корҳои падару модарон;

− ҷорисозии ҳар як барномаи таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқ боло бурдани маърифатнокии ҳуқуқӣ дар таълимгирандагон, аз қабили ҷавобгарӣ барои ҷинояти

маъмурии вайронкунандагони ҳуқуқ, ҷиноятҳои миёни ҷавонон ва кӯдакони ноболиғ содиршуда бо ширкати кормандони ВКД, шуъбаи милитсияи шаҳр, прокуратура, ҳимояткунандагони ҳуқуқи шаҳрвандон;

– роҳандозии ҳар як барномаи таълим, қавоиди ҳаракти мухассисин дар роҳ бо баҳисобгирии вижагиҳои синннусолии онҳо;

– бунёди алгоритмҳои амалиёт барои ҳимояи ҳуқуқи наврасону ноболиғон дар МТ, пешгирӣ кардани амалиёти зуроварию муносибатҳои берахмонаи калонсолон нисбати кӯдакони ноболиғ бо ширкати кормандони ВКД, шуъбаи милитсия, шуъбаи прокуратурава шуъбаи адвокатура;

– методи ташхискунӣ, тавсифи ҳар як синф, техналогияи муқарраркунии ташхиси наврасону кӯдакони ноболиғ, аз нуқтаи назари иҷтимоиии онҳо, бунёди шароитҳо баҳри татбиқсозии хеш, таҷрибаҳои иҷтимоии онҳо, инкишофи волонтёрӣ, худидоранамоӣ миёни мухассилин.

Барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии МТМУ-ҳо ва омӯзгорони фанҳои мухталифи таълимӣ чунин саволҳо ворид гардиданд:

– ташкили таҳсили ҳамаҷониба барои кӯдакони имконияти саломатиашон маҳдуд;

– таълими кӯдакони имконияташон маҳдуд бо истифодаи технологияи фосилавии наздику дӯр;

– ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои хурдсолон-тарбиятгирандагони муассисаҳои таълимии кишвар, пешгирисозии амалиёти зуроварӣ, муносибати манфии ашхоси калонсол бо кудакон бо иштироки бнвоситаи кормандони прократура ва милитсия;

– пешгири сохтани паҳнгардии ин ё он берориҳои сироятии хавфнок;

– аз ҷумла ВИЧ ва ташаккулдиҳии муносибатҳои таҳаммулпазирӣ ва ғайра бо ашхоси сироятгардидаи ВНМО миёни мухассилин бо ширкати кормандони марказҳои СПИД-и ҷумҳурӣ ё минтақа;

– муайянсозии сифати роҳбари миёни ҷавонону наврасон, бунёди шароитҳо баҳри татбиққунии хеш.

Барои роҳбарони муассиаҳои таълимӣ барномаҳои зерин амалӣ карда шудаанд, ки мисол чанде аз онро баррасӣ менамоем:

1. Омодасозии муасисаҳои таълимӣ барои татбиқи талабот ба стандарҳои тасҳислоти умумӣ, муносибатҳо баҳри омодасозӣ ва таҳияи барномаҳои таълимии ибтидоӣ;

2. Корбурди нишондиҳандаҳои санҷиш оид ба кори МТ, нишондиҳандаҳои электронии муосир зимни банақшагириву таҳлили корҳову ин ё он қарори идоранамоӣ;

3. Ташхискунии дараҷаи салоҳиятнокии касбиву ташкилкунии корҳо барои боло бурдани дараҷаи касбияти омӯзгорон бо баҳисобгирии натиҷаи ташхисҳои гузаронидашуда;

4. Роҳандозии кори беруназсинфиву беруназмактабӣ соат барои маҳфилу дарсҳо.

5. Метоҳои ташхискунӣ, тавсифоти синфҳо тавассути корбурди ин ё он технология бо мақсади муайянсозии хоссагиҳои наврасону кӯдакон аз диди иҷтимоии фаъолу фароҳамории шароитҳо барои татбиқи хеш, таҷоруби иҷтимоиву инкишофи худидоранамоиву ихтиёрӣ.

Фасли дуюми боби панҷум - **«Пурсиши посухдиҳандагон оид ба маълумоти ѓайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос»** хусусиятҳо ва тавсифи натиҷаҳои саволро дар низоми такмили ихтисос оид ба ТҒ дар бар мегирад.

Пас аз таҳлили ҷавобҳо ба саволе, ки мафҳуми ТҒ чист, манзараи зерин пайдо шуд: «Истифодаи усулҳо, технологияҳо ва шаклҳои ғайрианъанавии таълим» - 53% (2022). Ин посух дар соли 2016 то 13% коҳиш ёфта буд, яъне тамоюли фаҳмидани моҳияти ТҒ амиқтар гардид. Дар посух *«ТҒ* бо додани шаҳодатномаи давлатӣ тамом намешавад», балки мисли таҳсилоти анъанавӣ аст? аз 14% дар соли 2017 то 62% дар соли 2022 афзоиш ёфт.

Тааҷҷубовар аст, ки «Дастурҳои меъёрӣ» – 23% респонд. бо восита муайян карда мешавад. «Барои самараноктар дохил кардани ТҒ ба НТИ чӣ пешниҳод кардан мумкин аст?» – ҷавоб медиҳанд: «Ҳамчун ҳайати омӯзгорӣ, ки дар формати ТҒ таълим мегиранд». То соли 2022 тибқи мушоҳидаҳои мо дар реҷаи анъанавӣ шумораи курсҳои такмили ихтисос аз 66% то 72% буд. Аз ин лиҳоз дар бораи ТҒ ягон посух нагирифтем. Аммо аз соли 2021 вазъ тағйир ёфта, таваҷҷуҳ ба ТҒ афзоиш ёфт.

Барои возеҳият маълумоти дар ҷараёни таҳқиқоти оморӣ гирифташударо пешниҳод менамоем. Инак, дар маҷмӯъ дар минтақаи Кӯлоб чунин маълумоти монандро ба даст овардем. Ин маълумот ба самти ТҒ аз ҳамдигар каме фарқ мекунанд ва ин бо тадқиқоти муназзам ва низомтикӣ бо ҳайати педагогони минтақа дар соли 2017 алоқаманд аст (ҷадвали 12).

Нишондиҳандаҳо бартарии ТҒ-ро нишон медиҳанд, ки ба он ташкил ва татбиқи чорабиниҳои маҷмуӣ (комплексӣ) бо омӯзгорони вилоят дар соли 2021 мусоидат кардааст. Аз ҷумла, барои равшанӣ андохтан мо маълумотеро, ки дар рафти таҳқиқот ба даст омад, дар расми 8 пешниҳод мекунем.

**Ҷадвали 10.**

**Таносуби ниёзҳои педагогон ба такмили ихтисос бо роҳҳои гуногун**

| Дараҷаҳои тахассусии педагогҳо | % педагогҳо, ки хоҳиши гирифтани тахассусро дар низоми таълими расмӣ изҳор карданд | % педагогҳо, ки гирифтани тахассусро дар низоми ТҒ изҳор карданд | % педагогҳо, ки хоҳиши такмили ихтисосро аз ҳисоби низоми таҳсилоти информалӣ баён карданд |
|---|---|---|---|
| **Дараҷаи 1** | 74% | 20% | 6% |
| **Дараҷаи 2** | 34% | 52% | 14% |
| **Олӣ** | 7% | 34% | 49% |

Дар расм ҷараёни фарогирии хаттӣ нишон дода шудааст. Аксаран мо онро фарогирии зинаҳо меномем ва таҳсилоти ғайрирасмӣ дар марҳилаи омодагӣ ҳангоми ташкили курсҳои такмили ихтисос иштирок мекунад.

Раванди дохилкунии хатӣ дар расм нишон дода шудааст, яъне, давра ба давра ба ташкили курсҳои такмили ихтисос дохил намудани ТҒР бо марҳилаи омодагӣ.

**Ҷадвали 11.**

**Таносуби эҳтиёҷоти педагогон ба такмили ихтисос бо роҳҳои гуногун**

| Категорияи тахассусии педагогҳо | % педагогоне, ки хоҳиши гирифтани тахассуси расмиро доранд | % педагогоне, ки хоҳиши гирифтани тахассусро дар низоми таҳсилоти ғайрирасмӣ доранд | % мӯзгороне, ки хоҳиши такмили ихтисосро дар низоми таҳсилоти иттилоотӣ доранд |
|---|---|---|---|
| **Дараҷаи 1** | 60% | 32% | 8% |
| **Дараҷаи 2** | 26% | 62% | 12% |
| **Олӣ** | 8% | 44% | 48% |

Барои равшании бештар мо ҳамчунин натиҷаҳоро дар расми 10 меорем.

**Расми 8.**

**Диаграммаи таносуби эҳтиёҷоти педагогон ба баланд кардани тахассус дар минтақаи Кӯлоб**




Дар ин фасл диққати мо ба як масъалаи хеле муҳим - корбурди китоби дарсиву дастурҳои ҳозира равона гардид. Мо ҷавобҳои зеринро «дар шакли чопӣ» гирифтем: «технологияи педагогии навин» (Мувофиқан 84%-и иштирокчиёни анкетаронӣ ва 42%-и мусоҳибон); «радио ва телевизион» (37%-и мусоҳибон); «корбурди фаъолияти амалии педагогҳои соҳибтаҷриба чун яке аз васоити таҳсилоти ғайрирасмии муосир» (33%-и ҳамсуҳбатон).

Натиҷаи таҳқиқоти дар боло овардашуда чунин буд: дастурҳои меёрӣ дар замони ҳозира (23%) чун воситаҳои тавсиф мегарданд, вале ин ақида ба мазмуни таҳсилоти ғайрирасмии муосир мухолифат мекунад. «Бо мақсади воридсозии босамари дохилкунии таълими ғайрирасмӣ ба системаи такмили тахассус чӣ бояд пешкаш гардад?». Кормандони самти илмҳои педагогӣ, ки таълимгирандагони он аз низоми таълими ғайрирасмӣ буданд, ҷавобҳои саҳеҳу равшан дода натавонистанд, вале ҷавобҳои сарварони МТ ҷолиби диққат буданд.

Мо чунин мешуморем, ки вазифаҳо ҷойгоҳи касбӣ яке аз авомили масалаи мазкур мебошад. Директорони муассисаҳои талимии кишвар дар ин росто таҳсилоти

ғайрирасмии муосирро аз ҷиҳати арзёбии афзалиятҳояш ва мавқеи муаллимони хеш дар корбурди онҳо таҷдиди назар кардаанд.

Пурсиши гузаронидашуда ба ҳисоби миёна чунин натиҷаро дод: ҳамсуҳбатҳои муассисаҳои талимии дигаро пурсиданд. (62%); ба омӯхтани имкониятҳои дигаре шуғл меварзанд(51%); як гуруҳ директорон ба савол ҷавоб надод (11%). Аён шуд, ки баъзеи пурсидашудагон дар ин марҳила ба педагогҳо муҳимияти ТҒ-ро фаҳмонида натавонистанд ва ин ба бароҳмонии ҷараёни педагогӣ монеаҳоро ба бор меорад. Яке аз изҳорот пешниҳодкунии вақти изофашуда аст, ки ба сифати сарбориҳои дар таълим бо мақсади омӯхтани таҷрибаҳои дигар манотиқ қарордошта хизмат мерасонад. Тахминан аз 2/3 ҳиссаи пурсидашудагон , яъне 71% шакли мазкурро ном бурданд ва 26%-и мусоҳибаи зарур будани роҳандозии ТҒ - ро ба қайди махсус гирифтанд.

Дар онҳо чунин ҷавобҳо пайдо шуд: «технологияи педагогии навин (мувофиқи 84%-и иштирокчиёни анкетаронӣ ва 42%-и мусоҳибон); радио ва телевизион (37%-и мусоҳибот)», «корбурди фаъолияти амалии педагогҳои соҳибтаҷриба чун яке аз васоити таҳсилоти ғайрирасмии муосир» (33%), «табодули афкор» (33%-и ҳамсуҳбатон).

Ҳамзамон ҷавобҳои зерин низ буданд: Иштирок дар ин ё он конференсия дар атрофи масоили таҳсилоти ғайрирасмии муосир барои калонсолон (58%); тағйирёбии сохт дар идора кардани раванди касбӣ ба воситаи ТИК (285); дигаргуншавии роҳу воситаҳои ташкил кардани ашколи ғайрианъанавии технологияро - 64%: методи самараноктарини боло бурдани таълими ТҒ ин корбурди маҳсулнокӣ усули захиравии дидактикии муосир ҳисоб меёбад - 32%. Миёни ҷавобҳо нозукҳои зерин низ вуҷуд доштанд: «воридсозии зиёдтари таҷоруби педагогҳо» - 60% ҷавобҳо: «Ягон кор кардан лозим нест, чи тавре, ки ҳаст ҳамон хел боқи мондани он зарур аст». 16% аз байни чунин ҷавобҳо: 7% аз теъдоди посухдиҳандагон гуфтанд, ки сарбориҳои педагогҳо ҳафтае 12 соатро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон 54% зарурати кам кардани ҷараёни кориро низ қайд карданд.

Баъд аз тафсири ҷавобҳои ҳар як мусоҳиб тамоюлотеро қайд менамоем, ки зиёдшавии таваҷҷуҳро ба ТҒ ҳамчун тамоюлоти қиёсии ақоиди мусоҳибони дар намуди таълими ғайрирасмӣ таъсиркунанда ва онҳое, ки ба таълими ғайрирасмӣ мансубанд, мунъакис мегардонанд. Тағйирёбии фазои таълимӣ ба ҷоринамоии маблағгузорӣ ба соҳа вобаста буда, имкониятҳои таҳсилоти ѓайрирасмии муосирро васеъ менамояд.

Таҳлилу мушоҳидаҳои мо гувоҳи онанд, ки миқдори курсҳои бозомӯзии педагогҳо то соли 2017 бо методу усулҳои анъанавӣ 72%-ро ташкил дод, аммо 66%-и омӯзгорон аз ҷавоб саркашӣ карданд ва ин бори дигар собит месозад, ки онҳо ба ТҒ таваҷҷуҳи зарурирро зоҳир намекунанд.

Аз соли 2017 инҷониб ин ҳолат дигар шуда истодааст ва ҳоло афзоиши диққат ба ТҒ баръало мушоҳида мегардад. Тибқи иттилооти аз таҳқиқот гирифташуда, таъсири доираи маданиву иҷтимоӣ ба ҳолати ТҒ беандоза калон аст. Аз ҷумла, ба суоли «Барои хонандагон кадом суолҳо диққатҷалбкунанда мебошанду майлу рағбати хешро ба ТҒ фаъолнок месозанд?» чунин ҷавобҳоро гирифтанд:

- шароити нави таълимӣ - 62%;
- имтиҳонҳои давлатии ягона дар ҳолати афзудани таваҷҷуҳи ҳамагон ба ин масъала -72%;
- корбурди технологиҳои ғайрианъанавӣ дар таълим - 66%;
- консепсияи тарбияи миллии навин - 72%.

Масоили худтатбиқсозии инфиродии ашхос, ки ба он 55% ҷавоб доданд, ифодагари онанд, ки педагогҳо ба навгониҳои методикаи муосир таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд, илова бар ин, нишондодҳо рӯ ба афзоиши қарор доранд. Таваҷҷуҳи педагогҳо ба самтҳои иҷтимоиѐт ба мавзуъҳои таълиму тарбияи муосир зиѐдтар шуда, тамоми мушкилоти азнавсозии таълимро дар кишвар аксарияти директорони мактабҳо тасдиқ карданд (42%).

Пас аз ҷамъбасти мулоҳизаҳо дар атрофи масъалаи мазкур ба хулосае омадем, ки паҳлуҳои навовариҳо дар фаъолияти касбии педагогӣ барои ҳар як воҳӯрии ғайрирасмиву ТҒ-и омӯзгорӣ ба сифати асоси он баррасӣ карда мешавад. Хусусияти давраи ниҳоии кор дар он буд, ки таносуби ниѐзҳои омӯзгорон ба такмили тахассусу васоити расмиву ғайрирасмии ТИ-ро муқаррар намудем. Ташхиси мазкур дар давраи гузаштан ба аттестатсияи омӯзгорон дар шароити тағйирѐбандаи соҳаҳои иҷтимоию фарҳангӣ гузаронида шуд.

Бо мақсади санҷиши натиҷаҳои бадастомада оид ба таҳсилоти андрагогӣ ва омода намудани омӯзгорони оянда ин самти таҳсил (дар асоси нақшаҳои таълимӣ – давлатии таҳиягардидаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисони педагогӣ дар минтақаи Кӯлоб) озмоиш роҳандозӣ гардид, ки он ҳадафҳои зеринро дошт: дар таҷриба санҷидани фаъолияти омӯзгороно аз рӯи мавзуъ ба аносири муҳимми амсилаҳои тайѐр кардани омӯзгорон ба таълими ашхоси калонсол бо корбурди илми андрагогика (таълими расмӣ ва ғайрирасмӣ).

Кори озмоишӣ дар шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон, дар гурӯҳи озмоишӣ (иборат аз 24 нафар) ва дар гурӯҳи назоратӣ (иборат аз 26 нафар) шунаванда ба роҳ монда шуд.

Озмоиш (солҳои 2017-2022) дар се марҳила гузаронида шуд: омодагӣ, амалишаванда ва ҷамъбастӣ.

Ба саволи: Шумо то давраи омадан ба семинар дар бораи таҳсилоти андрагогӣ маълумоти муфассал доштед?

**Ҷадвали 12.**

**Саволномаи «Шумо то давраи омадан ба семинар дар бораи таҳсилоти андрагогӣ маълумоти муфассал доштед?»**

| Гурӯҳи озмоишӣ | | | Гурӯҳи назоратӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷавобҳо** | **Шумора** | **Бо %** | **Ҷавобҳо** | **Шумора** | **Бо %** |
| Ҳа | 18 нафар | 75% | Ҳа | 5 нафар | 19,2% |
| Не | 4 нафар | 16,6% | Не | 18 нафар | 69,3% |
| Каме | 2 нафар | 8,4% | Каме | 3 нафар | 11,5% |

Саволи дигар: Шумо тафовути байни таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмиро медонед?

**Ҷадвали 13.**

**Саволномаи «Шумо тафовути байни таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмиро медонед?**

| Гурӯҳи озмоишӣ | | | Гурӯҳи назоратӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷавобҳо** | **Шумора** | **Бо %** | **Ҷавобҳо** | **Шумора** | **Бо %** |
| Ҳа | 22 нафар | 91,6% | Ҳа | 4 нафар | 15,4% |
| Не | 0 нафар | 0% | Не | 19 нафар | 73,1% |
| Каме | 2 нафар | 8,4% | Каме | 3 нафар | 11,5% |

***Оид ба саволи:*** Дар бароҳмонии таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ ба мушкилот дучор меоед ѐ не?, аксарият чӣ ҷавоб доданро надонистанд (танҳо 35% ҷавоб доданд). Аксар иброз намуданд, ки аз истифодаи ин усул қариб маҳруманд ва зиѐда аз 60%-и шунавандагон хоҳишманди таҳсилоти ѓайрирасмӣ буданро баѐн намуданд. Ба саволи: Бароҳмонии таҳсилоти андрагогӣ-таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ дар тарбияи маънавии шогирдон нақш бозида метавонад?, 97% ҷавоби қаноаткунанда доданд. Пурсиши анкетавӣ боис ба беҳтар шудани мазмун ва мундариҷаи курсҳои семинарӣ, муайян намудани корҳои илмӣ-амалӣ, фаъолгардонии курси тахассусии «Педагогони муассисаҳои таълимӣ ва андрагогҳо» гардид ва дар тайѐр кардани омӯзгорони ин самти таҳсилот кӯмак намуд.

Таҳлил ва баррасии нақшаҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ шаҳодат доданд, ки омӯзиши таҳсилоти андрагогӣ дар ҷараѐни курси «Омода намудани педагогҳои муассисаҳои таълимӣ ба фаъолияти мустақил» сифатан ва амалан беҳтар шуд.

Дар ҷараѐни татбиқи корбасти зинаи муқарарии озмоиш аз ҷониби омӯзгорони Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб ба мо кӯмаки зиѐд расонида шуд.

Азназаргузаронии барномаҳои таълимӣ ва нақшаҳои кории Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб и вилояти Хатлон нишон дод, ки таҳсилоти адрагогӣ бештар ба таври лексионӣ мегузаранд ва ба дарсҳои амалӣ-таҷрибавӣ нисбатан камтар диққат дода мешавад. Инчунин маълум гардид, ки ҳангоми фаъолият ба омодагии амалии фанҳо камтар эътибор медиҳанд. Дар ин ҳол барои шунавандагон ва барои беҳтар аз худ намудани мақсад ва мароми таҳсилоти андрагогӣ ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондан, ҳамчунин, барои дар амал ҷорӣ намудани донишҳои гирифташудаи онҳо дониш ва малакаи амалӣ лозим буд.

Ба ақидаи мо, омӯзиши курси махсус дар гурӯҳҳои таълимии Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон бо илова кардани баъзе тағйироту иловаҳо ниѐз дошт ва мо мулоҳизаҳои худро дар ин бобат иброз доштем. Тағйироти пешниҳодкардаи мо имкон дод, ки ба ҷараѐни таҳсилоти андрагогӣ ва сифати тайѐр кардани шунавандагон кӯмак расонида шавад.

Дар ҷараѐни кор бо шунавандагон – педагогон усули таҳқиқотии омӯзиши таҳсилоти андрагогиро дар дарсҳои амалӣ дар рафти а) корҳои мустақилона; б) омода намудани маърӯзаҳо; в)навиштани лоиҳаи кори курсӣ ва г) иҷрои рефератҳо ва д) дигар чорабиниҳои адабӣ-бадеӣ ва амсоли инҳо истифода намудем. Дар ин самт чорабиниҳои зерин анҷом дода шуд:

− дар дарсҳои педагогони андрагогика иштирок намудем;

– бо иштирок ва ташаббуси бевоситаи шунавандагон конференсия гузаронида шуд;

– вобаста ба моҳият, роҳ ва мавқеи усулҳои таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ шаби саволу ҷавоб ташкил карда шуд;

– дар мавзуи «Таҳсилоти андрагогӣ чӣ манфиат дорад?» мусоҳиба гузаронидем.

– дар ибтидо дар мавзуи «Зарурати таҳсилоти андрагогӣ дар чист?» бо иштироки 120 шунаванда дар панҷ гурӯҳи Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб (соли 2017) пурсиши мусоҳибавӣ гузаронидем.

**Ҷадвали 14.**

**Пурсиши мусоҳибавӣ оид ба «Зарурати таҳсилоти андрагогӣ дар чист»?**

| Ҷавобҳо | Шумора бо нафар | Бо % |
|---|---|---|
| «Аъло» | 0 | 0% |
| «Хуб» | 20 | 16,6% |
| «Қаноатбахш» | 56 | 46,6% |
| «Бо душворӣ» | 40 | 33,3% |
| «Бе ҷавоб» | 4 | 3,3% |




**Расми 9. – Диаграммаи натиҷаи пурсиши «Зарурати таҳсилоти андрагогӣ дар чист»?**

Пеш аз анҷоми курс бо мақсади фаҳмидани он ки шунавандагон то кадом андоза дониш андӯхтанд, бо усули болоӣ тавассути мавзуи фавқ натиҷагирӣ намудем:

**Ҷадвали 15.**

**Пурсиши мусоҳибавӣ пеш аз анҷоми курс оид ба «Зарурати таҳсилоти андрагогӣ дар чист»?**

| Ҷавобҳо | Шумора бо нафар | Бо % |
|---|---|---|
| «Аъло» | 35 | 29,1% |
| «Хуб» | 72 | 60% |
| «Қаноатбахш» | 13 | 10,9% |
| «Ғайриқаноатбахш» | 0 | 0% |




**Расми 10. – Диаграммаи натиҷаи пеш аз анҷоми курс оид ба пурсиши «Зарурати таҳсилоти андрагогӣ дар чист»?**

Чунин пурсишҳо дар солҳои минбаъда низ тавассути саволҳои фаврӣ дар се гурӯҳ дар донишкадаи мазкур гузаронида шуд, ки шумораи шунавандагон 96 нафар буд.

**Ҷадвали 16.**

**Пеш аз анҷоми курс соли 2017**

| Пеш аз анҷоми курс соли 2017 | | |
|---|---|---|
| **Ҷавобҳо** | **Шумора бо нафар** | **Бо %** |
| «Аъло» | 4 | 4,1% |
| «Хуб» | 22 | 22,9% |
| «Қахшноатбахш» | 60 | 62,5% |
| «Ғайриқаноатбахш» | 10 | 10,4% |




**Расми 11. – Диаграммаи пеш аз анҷоми курс соли 2017**




**Расми 12. – Диаграммаи пас аз анҷоми курс соли 2017**

**Ҷадвали 17.**

**Пас аз анҷоми курс соли 2017**

| Пас аз анҷоми курс соли 2017 | | |
|---|---|---|
| **Ҷавобҳо** | **Шумора бо нафар** | **Бо %** |
| «Аъло» | 30 | 31,5% |
| «Хуб» | 42 | 43,7% |
| «Қаноатбахш» | 20 | 20,8% |
| «Ғайриқаноатбахш» | 4 | 4,1% |

**Ҷадвали 18.**

**Бартариятҳои оғоз ва анҷоми курс дар соли 2017**

| Бартариятҳои оғоз ва анҷоми курс дар соли 2017 | | |
|---|---|---|
| **Ҷавобҳо** | **Шумора бо нафар** | **Бо %** |
| «Аъло» | 26 | 27% |
| «Хуб» | 20 | 21% |
| «Қахшноатбахш» | 40 | 42% |
| «Ғайриқаноатбахш» | 6 | 6,3% |




**Расми 13. – Диаграммаи бартариятҳои оғоз ва анҷоми курс дар соли 2017**

Дар асоси парадигмаи тафсирӣ дар ин бахш андешаҳои омӯзгорон оид ба ТҒ мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ки он имкон медиҳад таҷрибаи амалии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии консепсияи рушди ТҒ ба назар гирифта шавад.

Фасли сеюми боби панҷум - **«Натиҷаи марҳилаҳои озмоиш оид ба ворид намудани таҳсилоти ѓайрирасмӣ дар таҳсилоти расмӣ»** натиҷаҳои марҳилаи эҷодии таҷрибаро дарбар мегирад. Технологияи модули фасеҳ, ки таълими 200 муаллимро дар раванди фаро гирифтани се шакли таълимро дар вилояти Хатлон фаро мегирад, дар як вакт санҷида шуд. Намунаи корҳои курсӣ барои омӯзгорони фанни математика бо истифода аз пойгоҳи иттилоотӣ, ки дар раванди ТҒ барои солҳои 2020-2021 амалӣ карда мешавад, дар поён оварда мешавад.

Истифодаи пойгоҳии иттилоотӣ имкон дод, ки самтҳои ташкили ТҒ барои омӯзгорони математика дар шакли семинарҳо дар солҳои 2017, 2018, 2019 муайян карда шавад. Инчунин дар соли 2020 лоиҳаи «Беҳтарин омӯзгорони минтақаи Кӯлоб» як захираи самараноки дидактикии татбиқи ТҒ гардид.

Мо як қатор ташхиси ҳайати омӯзгорон ва кормандонро дар доираи таҳқиқот дар марҳилаи таҷрибаи педагогӣ гузаронидем, то муносибати калонсолон ба низоми ТҒ-ро равшан намоем. Он ба мо имкон дод, ки динамикаи таҳсили калонсолонро дар заминаи низоми ТҒ аз соли 2017 то имрӯз дида бароем (ҷадвали 21).

**Ҷадвали 19.**

**Мундариҷаи курсҳои тайёрии педагогони математика тавассути истифодаи манбаъи маълумот дар шакли таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ дар соли 2017**

| № | Дараҷа | Номгӯйи курсҳо |
|---|---|---|
| 1 | Муаллимони математика | «Мушкилоти муҳим – такмили сифати маълумоти математикии мактаб» |
| 2 | Муаллимони математика, химия ва физика | «Тарҳрезии раванди таълим бо истифодаи муносибати модулӣ компонентӣ дар заминаи гузариш ба ГСН насли нав ва барномаҳои амиқи маълумоти умумӣ оид ба математика, физика ва химия дар сохторҳои ТҒД» |
| 3 | Педагогон ва устоҳо (аз ҷумла педагогони математика) | «Мудирияти раванди таълим дар заминаи ҷорикунии EPG насли сеюм» |
| 4 | Роҳбарон, ҷонишинони роҳбарони муассисаҳои таълимӣ (аз ҷумла педагогони математика) | «Механизмҳои ташкилӣ ва идоракунии принсипҳои иштироки ҷомеа дар идоракунии таҳсилот» |
| 5 | Педагогҳое, ки бо хонанданони КИМ дар муассисаҳои таълимӣ кор мекунанд (аз ҷумла педагогони математика) | «Хусусиятҳои психологӣ - педагогии таҳсилот ва таълими омӯзандагон аз шумораи хатмкунандагони муассисасаҳои махсуси таълимӣ (ислоҳӣ)» |
| 6 | Педагогони муассисаҳои маълумоти умумӣ (аз ҷумла муаллимони математика) | «Амал кардани забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» |
| 7 | Иштирокчиѐни озмуни «Педагоги сол» (аз ҷумла педагогони математика) | «Худтатбиққунии эҷодии педагог дар шароити озмуни» «Муаллими сол» |

**Ҷадвали 20.**

**Намуна барои пур кардани омӯзандагон, ки дар арзёбии ТҒ истифода мешавад**

| Сифати умумии барномаи таҳсилоти ғайрирасмиро арзёбӣ намуда | Ҳа | Қисман | Не | Шарҳх о |
|---|---|---|---|---|
| Барнома ба эхтиёҷоти шумо мувофиқат мекард? | 50 | 30 | 20 | |
| Маводи дар модулбуда ба эхтиёҷоти шумо мувофиқат мекард? | 65 | 20 | 15 | |
| Оё шумо таҷрибаи касбии худро дар вақти ташкили машғулиятҳо ба инобат гирифтед? | 70 | 20 | 10 | |
| Иштирок дар барномабарои беҳтар кардани чараёни таҳсилот водор кард? | 75 | 20 | 5 | |

Ҳамчунин, методикае истифода шуд, ки дар низоми такмили ихтисос номи «квадрат» (мураббаъ)-ро гирифт (ҷадвали 23).

**Ҷадвали 21.**

**Намуна барои пур кардани иштирокчиён, ки барои арзёбии ТҒ аз ҷониби иштирокчиён «Методикаи Квадрат» истифода мешавад**

| | |
|---|---|
| **Шумо аз семинар чиро интизоред?** | **Кадом маълумотро шумо гирифтед?** |
| **Кадом маълумот барои шумо муҳим аст? Чиро шумо дар кори худ истифода хоҳед бурд?** | Бо шумо боз чӣ зарур аст? |

Нишондиҳандаҳои алоҳидаи миқдорӣ дар ҷадвали 16 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 22.**

**Баъзе нишондиҳандаҳои миқдорӣ**

| № | Солҳои хониши таҳсили кадрҳои педагогӣ дар ФМДДТИБКСМ | % иштирокчиён (ҳайати педагогон), ки таҳсилро ба воситаи низоми таҳсилоти ғайрирасмӣ гузаштанд |
|---|---|---|
| **1** | Солҳои 2017-2018 | 6% |
| **2** | Солҳои 2018-2019 | 11% |
| **3** | Солҳои 2019-2020 | 9% |
| **4** | Солҳои 2020-2021 | 4% |
| **5** | Солҳои 2021-2022 | 7% |

Мувофиқи маълумоти ҷадвал, динамикаи мусбии ҳайати педагогоне, ки тавассути низоми ғайрирасмии таълими Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб таҳсил карданд, мушоҳида мешавад. Мо барои равшанӣ андохтан дар расми 10 маълумоти бадастовардаро пешниҳод менамоем. Дар он динамикаи омӯзгорони андрогогика дар пояи таҳсилоти ғайрирасмӣ дар Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» инъикос ёфтааст. Фоизи иштирокчиён ҳайати омӯзгорон ба воситаи низоми таҳсилоти ғайрирасмӣ муайян шудааст.




**Расми 14. – Диаграммаи шумораи иштирокчиѐни (ҳайати педагогони) таҳсилоти ғайрирасмӣ дар Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф»-и минтақаи Кӯлоб**

Раванди марҳилаи озмоиши педагогӣ на танҳо афзоиши миқдории ҳайати омӯзгорон ва динамикаи мусбати иштирокчиѐни ТҒ равшан намуд, балки афзоиши таваҷҷуҳ ба ТҒ-ро (16%-56%) аз рӯи нишондиҳандаҳои муқоисавӣ арзѐбӣ намуд. Натиҷаи баррасии фаъолияти педагогии иштирокчиѐни ТҒ (ҷадвали 14).

**Ҷадвали 23.**

**Динамикаи инъикоскунандаи шумораи иштирокчиѐни (кормандони педагогӣ) таҳсилоти ғайрирасмӣ дар Филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар минтақаи Кӯлоб**

| № | Солҳои хониши таҳсили кадрҳои педагогӣ дар ФМДДТИБКСМ | % иштирокчиѐне (ҳайати педагогон), ки ба воситаи ТҒ омӯзиш гирифтанд | % иштирокчиѐне (педагогон), ки донишҳои гирифтаро истифода бурда, омӯзишро ба воситаи ТҒ гирифтанд |
|---|---|---|---|
| 1 | Солҳои 2017-2018 | 16% | 0,4% |
| 2 | Солҳои 2018-2019 | 28% | 0,8 |
| 3 | Солҳои 2019-2020 | 34% | 2,2% |
| 4 | Солҳои 2020-2021 | 49% | 3,1% |
| 5 | Солҳои 2021-2022 | 62% | 4,2% |

Натиҷаҳои таҳлили фаъолияти педагогии иштирокчиѐни ТҒ барои татбиқи *«донишҳо»*, ки дар дар фаъолияти касбӣ ва педагогӣ низоми таҳсилоти ғайрирасмӣ гирифтанд, тариқи зайл аст:

Фоизи иштирокчиѐне, ки дар ТҒ таҳсил кардаанд, дар тайѐриро дар таҳсилоти ғайрирасмӣ гузашта, дониши иловагиро дар давраи омӯзиш ба даст овbooданд, 0,4%-ро ташкил медиҳанд. Ин маълумотро дар расми 17 нишон медиҳем.

Дар ин бахш мо маводҳои дидактикиеро пешниҳод кардем, ки дар низоми ТҒ дар марҳилаи эҷодӣ истифода мешаванд, аз ҷумла, лоиҳа оид ба татбиқи тартиби

омӯзиши миллӣ ба мо имкон дод, ки таваҷҷуҳи афзояндаро ба мушкилоти ТҒ тасдиқ кунем.

Воқеияти амалии педагогӣ назар ба ҳама гуна назария ва дастгоҳи истилоҳотии мувофиқ мураккабтар ва гуногун аст, аммо ҳарду ҳамдигарро пурра мекунанд ва ба рушди салоҳияти касбии кормандони педагогӣ, аз ҷумла, тавассути таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ-таълими дуруст таъсири мусбӣ мерасонад.

Татбиқи пойгоҳи иттилоотӣ имкон дод, ки самтҳои ташкили таҳсилоти ғайрирасмӣ барои педагогони фанни математика дар шакли семинарҳо дар давраи солҳои 2017, 2018 ва 2019 муайян карда шаванд. Дар доираи курсҳо мо намудҳои таҳсилоти ғайрирасмӣ – таҳсилоти расмии педагогони фанни математикаро дар шакли семинарҳои поёнӣ меорем.




**Расми 15. – Натиҷаҳои таҳлили фаъолияти педагогии иштирокчиёни ТҒ барои истифодаи «донишҳо», ки дар фаъолияти касбии педагогии онҳо дар низоми ТҒ ба даст оварда шудаанд**

Барои ашхосе, ки таҷриба меомӯзанд (омӯзгорони алгебра) дар чунин мавзӯъҳо якчанд семинар ташкил гардид: «масоили ташкили алгебра», «семинарҳо бо ашхоси калонсол барои корбарӣ бо тоифаи қобилиятнок», «Пажуҳиши таълимгирандагони фанни алгебра», «Тавсияҳои илмиву методии олимон барои ширкатварзони форуми минтақавии илмӣ», «Қадаме ба дурнамо- ташхискунии қаблии кори озмунии муосир», «Хулосабарорӣ аз имтиҳоноти давлатии ягонаи фаннӣ алгебра( дар с. 2018 ва дурнамои он с. 2019)», «Омодагӣ ба давраҳои дохиливу ноҳиявӣ (шаҳрӣ), вилоятӣ, ҷумҳуриявии озмунҳои мухталифи таълимгирандагони МТМУ аз алгебра», «Системаи баҳодиҳӣ ба муваффақиятҳои натоиҷи азхуднамоии ҳар як барномаи таълимӣ барои фанҳои физикиву алгебра дар МТМУ», «Гузаштан ба навъи дуввуми меъёрҳои физикиву алгебра», «Тайёркунии ихтисосмандони комиссияҳо бо мақсади санҷидани аттестатсияи хатмкунандагони МТМУ», «Омодагӣ ба аттестатсияи давлатии хонандагони хатмкунанда (9-11) аз алгебра» ва семинарҳои мазкур аксаран ба корбурди ТИК бо баҳисобгирии таҷоруби шахсии омӯзгорони андрогог роҳандозӣ мегардад. Чунонки дида мешавад, шумораи омӯзгороне, ки дар таҳсилоти ғайрирасмӣ иштирок мекунанд, меафзояд.

Корбурди методҳои мухталифи робитаи байни ТР ва ТҒ дар ҷараёни КТИ омӯзгорони ҳамаи манотиқи вилояти Хатлон Эътирофи худро пурра ба даст овард ва дар ин хусус шаҳодатномаи аз тарафи МДДҶТИБКМ додашуда (2017) шоҳиди он аст.

Роҳандозии чунин КТИ ба боло рафтани донишу малака ва маҳоратҳои омӯзгорони андрогоги ҳам минтақаи Бохтар ва ҳам минтақаи Кӯлоб мусоидат намуд. Барои санҷидани таълими ғайрирасмии муосир дар системаи инкишофи тахассус аз тарафи мо лоиҳаи корбурд ва озмуда шуд, ки он ба омӯзгор зимни шиносшавӣ бо таҷоруби пешқадам ва бартарафсозии мушкилиҳои касбии муосир ёрӣ медиҳад.

Миёни сарваронӣ МТМУ-ҳои минтақаи Бохтар ва минтақаи Кӯлоб лоиҳаи «Муассисаи сарварӣ» ба навъи таълими ғайрирасмии муосир мубаддал гардидааст. Он бо мақсади беҳгардонии сифати таълим дар асоси омӯхтани ТҒ ва таҷоруби ҳаёти ихтисосмандони беҳтарин шароити мусоид бунёд мекунад.

Якҷоя бо системаҳои педагогӣ ва системаҳои ахборотӣ педагогҳои ҳозира бо субъектони дигари раванди таълиму тарбия дар истифода аз ҳар як шабакаи интернет ҳамкорӣ менамоянд. Аз ҷузвдони мазкур омӯзгор иттилооту тавсияҳои заруриро барои амалигардонӣ дар соҳаи азнавсозии маорифи кишвар гирифта, мавриди истифода қарор медиҳад.

Омӯзгор дар ҳар як вохӯрӣ метавонад аз якчанд мавзуъ, ки омӯхтани тулониро тақозо менамояд, истифода барад ва ба омӯхтани баъдина ҳусни оғоз бахшад. Корбурди лоиҳаи мазкур ба муттаҳидсозии ин ё он самти касбӣ зимни бароҳмонии КТИ дар ТҒ оварда мерасонад.

## ХУЛОСАҲО

### 1. Натиҷаи асосии илмии диссертатсия

Омода намудани мутахассисони соҳаи андрагогика ҳини фаъолияти касбӣ ба талаботи замони муосир ва тадбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки соҳаи маорифро яке аз бахшҳои афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон номиданд, асоснок ва кобили қабул пазируфта шуд. Омӯзиши проблемаи таълими калонсолон ба мо имконияти боз ҳам амиқтар ворид шудан ба фазои таҳсилоти муосир, илм, маориф ва фарҳанги миллиро имконпазир намуд. Такомул ва рушду ташаккули илму фарҳанг, такмили ихтисос ва баландбардории дараҷаи тахассусӣ вазифаи ҷонии ҳар як мутахассиси касбӣ, аз ҷумла, муаллимони муассисиҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва муассисаҳои таҳсилоти асосӣ маҳсуб меёбад.

Дар асоси талаботи замони муосир ва ҷавобгӯ будан ба стандарти умумиҷаҳонӣ ба роҳ мондани кори таълиму тарбия, аз чумла, таълими калонсолон (ТК) шароитҳои заруриро барои омодасозии босифати педагогҳои оянда ва омода намудан мутахассисони болаёқат ва ҳақиқатан дорои дониш, малака, таҷрибаи бойи педагогӣ, ҷаҳони маънавии васеъдоштаро ба таълиму тарбияи наслҳои ҷавон роҳ дода, аз ҳадафҳои ногузири Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Сарвари муаззами кишвар мебошад.

Дар раванди кунунии рушди ҷомеа соҳаи таҳсилоти калонсолон ба таври назаррас рушд ёфта, мазмуну мундариҷа ва мақсаду вазифаҳои дар пеш истода беш аз пеш мураттаб меёбанд. Дар ҷаҳони рушди босуръати технологияҳои нав калонсолон бояд ба тамоюлҳои муосири давру замон мутобиқ бояд бошанд.

Аз ин рӯ, ТК на танҳо имконияти рушди касбӣ, инчунин, имконияти мутобиқшавӣ ба ҷаҳони технологӣ ва иҷтимоишавӣ дар сатҳи нав маҳсуб меёбад. Таҳсилоти калонсолон имкон медиҳад, ки мушкилоти таълим дар ин самт осон ва сабук гардида, онҳоро ба раванди ҳаёт ва зиндагӣ омода намояд.

Таҳқиқот собит сохт, ки усул ва технологияҳои дар фавқ нишондодаи мо метавонад дар ҷараёни таълими расмӣ ба таври васеъ истифода гардад. Хусусияти ғайрирасмӣ будани он имкони истифодаи онҳоро дар низоми таҳсилот ҳамчун

падидаи нав пиѐда гардонида, дар иртибот бо роҳу равиши таълими анаъанавӣ маъмул ва имконпазир месозад.

Натиҷагирӣ аз рафти таҳқиқот, ҳамчунин баррасии вазифаҳои иҷрогардида моро ба хулосаҳои зерин мувваффақ гардонид:

1. Зарурати таҳияи ҷадиди низоми такмили ихтисос ва нақши таҳсилоти ғайрирасмӣ дар таҷаддуди босифати таҳсилоти анъанавӣ, навгонӣ дар соҳаи маориф, вусъати падидаҳои инноватсионӣ [1–М; 7–М; 8–М];

2. Тағйирот ба мундариҷа ва мафҳуми «таълими ғайрирасмӣ» аз муҳити иҷтимоию фарҳангӣ, инфиродӣ, нишондодҳои воқеӣ, муносибатҳои методологии омӯзиши ин масъала вобаста аст [6–М; 27–М; 29–М];

3. Рушди консепсия ва назарияи таълими ѓайрирасмӣ дар муносибат ба моҳияти аслии он густариш ѐфта, дар робита ба таҳлил ва баррасии муқоисавии масъала арзѐбӣ гардид (дар заминаи муқоисаи таълими расмӣ ва ғайрирасмӣ) [2–М; 7–М; 11–М];

4. Таҳсилоти ғайрирасмӣ ба сифати роҳу усули иловагии таълим хидмат карда, ҳамчун зуҳури ташаббуси мақсаднок дар заминаи рушди низоми такмили ихтисос ва ташкили таълими иловагии касбӣ баррасӣ ва мақбул гардид [6–М; 8–М; 12–М];

5. Муқоисаи таълими расмӣ ва ғайрирасмӣ дар асоси маҷмуи хусусиятҳо (методологӣ, ташкилӣ, дидактикӣ, иҷтимоӣ, функсионалӣ, педагогӣ, мурофиавӣ) мавҷудияти маҷмуи фарқҳоро дар ин намудҳои таҳсилот дар таълими якмоҳа ва ҳамзамон, мавҷудияти хусусиятҳои умумӣ, мутобиқгардонии ин шаклҳои таълими ҷадидро дар низоми такмили ихтисос собит сохт [5–М; 17–М; 23–М];

6. Таълими ѓайрирасмӣ дар марҳилаи кунунӣ таваҷҷуҳи бештари олимон, муҳаққиқон ва таҷрибаомӯзони соҳаи маорифро ба худ ҷалб намуда, марҳилаи рушд ва пажӯҳишро ҳамчун падидаи стратегӣ ва манфиатноки таҳсилот нишон дод [3–М; 8–М; 17–М];

7. Ҷанбаҳои муҳимтарини таълими калонсолон дар робита бо истифода аз унсурҳои технологияи педагогии замони муосир баррасӣ гардида, амсилаи наву тоза дар самти ташкили фаъолияти омӯзгор-андрогог дар ҷараѐни таълим ҳамчун василаи алоқаи мутақобила пешниҳод карда шуд. Инчунин марҳилаҳои ба роҳ мондани таълими калонсолон гурӯҳбандӣ шуда, таснифоти муфассал пешниҳод гардид [6–М; 10–М; 21–М];

8. Дар рафти таҳқиқот ӯҳдадориҳои вазифавии педагог-андрагог амиқу равшан гардида, омилҳои тақозошаванда дар ҷараѐни таълими калонсолон ва ҳамбастагии онҳо бо усулҳои таълими ѓайрирасмӣ нишон дода шуд [1–М; 4–М; 13–М];

9. Муайян намудани самтҳои рушд дар таълими калонсолон имкон дод, ки ҷанбаҳои мухталифи ТҒ ҷудо карда шавад ва фаҳмиши назариявии ин падида дар педагогика мушаххас гардад. Баррасии мафҳуми *«таълими ғайрирасмӣ»* дар заминаи муносибатҳои гуногун – фаъолияти инфиродӣ, инсондӯстӣ, андрогогӣ, контекстуалӣ, интерактивӣ, салоҳиятсозӣ, функсионалӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, муқоисавӣ, иттилоотӣ-технократӣ, психологӣ ва ғайра ҷанбаҳои мухталифи ин консепсияро равшан намуда, ба дарки асосҳои назариявӣ ва методологии он муваффақ гардонд [2–М; 5–М; 13–М];

10. Муҳити иҷтимоию фарҳангӣ, ҳадафҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ, сиѐсати давлатӣ дар соҳаи маориф, рушди методологияи соҳавӣ ва хоса илми педагогӣ ба равшан кардани мафҳуми «таълими ғайрирасмӣ» мусоидат намуд. Ҳангоми баррасии масъалаҳои гуногуни таълими ғайрирасмӣ, ки мавқеи худро дар ташкили таълими иловагии касбии кадрҳои педагогӣ муайян менамояд, тасдиқ гардид, ки он мувофиқи мақсад дар доираи принсипҳои муҳимми таълими инноватсионӣ (муттасилӣ, вусъати

мазмун ва мундариҷа, навгонӣ ва омӯзиши иловагӣ) дар робита бо таҷдиди барномаҳои таълим, ташаккули эҷодкорӣ ва малакаҳои зеҳнӣ-маърифатӣ, муносибати эвристикӣ дар таҳкими роҳу усули таҳсилоти ғайрирасмӣ мусоидат мекунад [6–М; 17–М; 21–М];

11. Дар ҷараёни коркарди асосҳои назариявии таълими ѓайрирасмӣ муайян намудани доираи вазифаҳои он (ТҒ) дар низоми такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ муҳим арзёбӣ гардид. Дар маҷмӯъ он ба беҳтар шудани вазъи иҷтимоии ҷомеа дар робита ба иҷрои талабот ва ниёзи корфармоён мувофиқат намуда, ба рушди ҳамкории иҷтимоӣ, қонеъ гардонидани талаботи инфиродии субъектҳои ҷараёни таълим мусоидат кард. Қобили зикр аст, ки иқтидори ташкилии таҳсилоти касбии калонсолон ба баландшавии сатҳи дониш ва иттилоотии шунавандагони ТҒ роҳи васеъ кушод [4–М; 16–М; 27–М];

12. Назарияи фалсафӣ ва антропологии коммуникатсия, ки бо хусусиятҳои методологӣ ҳамчун асоси ТҒ қабул гардид, имкон бахшид, ки ҷузъҳои он (омилҳои коммуникатсия, равиши муошират, маҳсули коммуникатсия, мақсади муошират) муайян карда шуда, вусъати консепсияи таълими ғайрирасмӣ ҳамчун фаъолияти густурда ва ба низом даровардашудаи маҳорати касбии омӯзгорон- андрогогҳо қобили қабул гардад [11–М; 30–М; 36–М];

13. Омӯзиши ҷанбаҳои дидактикии ТҒ собит сохт, ки дар самти ташкили он роҳу усулҳо ва технологияҳои педагогии босамар мавҷуданд, ки дар низоми таълими расмӣ мавриди истифодаи васеъ қарор ёбанд. Онҳоро метавон дар ТҒ ба таври муназзам татбиқ кард ва маҳдудиятҳоро дар ин самт аз байн бардошт [16–М; 17–М; 37–М];

14. Таҳқиқот равшан кард, ки роҳу усул ва технологияи пешқадами таълими калонсолон дар он аст, ки дар ин росто кори мустақилонаи омӯзгор мақом ва мавқеи баландро соҳиб аст. ТИК ба усулҳои гуногуни ТҒ мусоидат намуда, имконияти дарсдиҳии муаллимонро дар ҷои кор васеъ мегардонад [4–М; 17–М; 31–М];

15. Натиҷаҳои бадастомада ва такмили сатҳи омодагии шунавандагон аз рӯи нишондиҳандаҳои истифодаи «Натиҷаҳои озмоиш баҳри муайян кардани мавқеи таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос» дар ҷараёни таълим дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии муаллимон марбут ба омода намудани педагогони оияндаи таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили тахассус таъсири мусбат расонд [8–М; 17–М; 35–М];

16. Натиҷаҳо оид ба озмоиш баҳри муайян кардани мавқеи таҳсилоти ғайрирасмӣ дар низоми такмили ихтисос дар соатҳои назариявию машғулиятҳои амалӣ ба таври васеъ санҷида шуд. Ҳамзамон таҳлили таҷрибаи кор нишон дод, ки татбиқи технологияи андрагогии таълим ҳамчун як илми мустақил дар ташаккули маҳорат ва малакаи касбии калонсолон роҳи васеи рушд ва камолоти касбӣ мекушояд [3–М; 11–М; 18–М];

17. Дар рафти таҳқиқот маълум гардид, ки мураттаб кардани муқаррароти нахустдараҷаи асосҳои методологии таълим дар самти болоравии дараҷаи донишомӯзии калонсолон зарур буда, таҳияи амсилаи педагогӣ дар роҳи таълими босифати онҳо мусоидат менамояд [6–М; 9–М; 19–М];

18. Илми андрагогика имкон дод, ки ҷанбаҳои гуногуни равишҳои методӣ дар асоси таҳсилоти ғайрирасмӣ ба назар гирифта шуда, қонуниятҳои сохторӣ, фаъолият ва рушди он аз мавқеи самти ҷадиди таҳсил дар низоми такмили ихтисос муайян ва такмил дода шавад [5–М; 10–М; 19–М];

19. Дар ҷараёни таҳқиқот ҳамчунин масъалаҳои марбут ба маълумоти педагогӣ оид ба омода намудани педагог-андрологҳо чун ҷузъҳо (компонент)-ҳои таълим таҳия гардид [15-М; 19-М; 25-М; 32-М; 11-М; 54-М; 41-М; 32-М; 19-М; 33-М; 7-М; 60-М].

20. Нишондиҳандаҳои асосии сатҳи омодагии педагогони таҳсилоти андрагогӣ баҳри пешбурди раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар асоси таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ мушаххас карда шуд [32-М; 11-М; 54-М; 41-М; 32-М; 19-М; 33-М; 7-М; 60-М].

21. Роҳҳои самарабахши омода намудани педагог-андрогогҳо дар асоси таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ муайян карда шуд [22-М; 54-М; 33-М].

22. Малакаи педагогии андрогогҳо дар доираи таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ ҳангоми азхудкунии мавзуъҳои назариявӣ, методӣ ва амалии омодасозии шунавандагон (омӯзгорон)-и оянда туқаррар карда шуд [30-М; 49-М].

23. Ба таври таҷрибавӣ натиҷабардорӣ ва самарадиҳии методологияи манзургардида барои омодасозии омӯзгорон-андрогогҳо тавассути мавқеи таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ санҷида шуд [16-М; 19-М; 22-М; 31-М; 27-М; 11-М; 24-М; 37-М; 46-М; 59-М; 41-М].

## 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастовардаи мо нишон медиҳанд, ки ҳалли вазифаҳои гузошташуда муътамаднокии фарзияи манзургардидаро исбот менамоянд ва дар ин замина тавсияҳои зерин мухтасаран пешниҳод мегарданд:

1. Таълими андрагогӣ барои шунавандагон ҳамчун захираи бузурги педагогӣ буда, дар омода намудани онҳо вобаста ба таълиму тарбияи мактаббачагон нақши муҳим дорад. Корбасти илман асоснокшудаи таълими андрагогӣ, аз ҷумла, таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ асосноккунии муайянро барои омода намудани педагогҳоиояндаи ин соҳаи омӯзиш пешниҳод менамояд.
2. Вазъи кунунӣ, таҳлил ва омода намудани педагогони андрагогика, ба вижа, таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ дар ҷараёни таълим нишон медиҳад, ки дар нақша ва барномаҳои таълимӣ имконияти зиёди истифода дар раванди баландбардории дараҷаи тахассусӣ имконпазир аст. Зикр намудан бамаврид аст, Донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии педагогон барои омода намудани педагогони ба таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ чандон аҳамияти даркорӣ дода намешавад. Таҳияи нопурраи нақша ва барномаҳои таълимӣ, усули таълими таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ ҳамчун ҷузъи омодакунии педагогони соҳаи андрагогика мутобиқи барномаи таълимӣ ва стандарти давлатии маориф ба таври кофӣ пешниод карда намешавад.
3. Таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ то ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудааст ва зарурати ба низом даровардани он пеш омадааст. Корҳои санҷишии амалишуда ва натиҷаҳои он собит менамоянд, ки ҷорӣ намудани курси махсуси «маҳорати педагог дар ташаккули насли наврас» дар раванди таълиму тарбия дар ФМДДТИБКСМ вилоят барои бо босифати баланд омода намудани мутахассисон мусоидат менамояд.
4. Тибқи гузаронидани таҷриба ва дар раванди он муайян намудани шароитҳои педагогии истифодаи натиҷадиҳанда барои омода намудани педагогони таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ ба фаъолияти касбӣ муайян карда шуданд.
5. Ба барномаи Донишкадаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии педагогон ворид намудани соатҳои иловагӣ марбути таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ дар ҳаҷми 0,5 баробар зиёд намудани соатҳои таълимӣ ба омода намудани шунавандагони соҳибтахассусу дорои дониши баланд ва таҷрибаи кофидошта мусоидат менамояд.

6. Ба ақидаи мо, ба ин масъала диққати ҷиддӣ додан муҳим аст, зеро замони кунунӣ замони рушду пешрафти илму техникаи муосир, глобализатсия ва ҷаҳонишавии илму техника аст ва ҳифзи онро тақозо дорад.

7. Дар омода намудани шунавандагон бо дарназардошти заминаи моддию техникӣ истифодаи усули пешбурди фаъолияти инфиродӣ мебошад.

8. Мавзуъҳои реферат, корҳои курсӣ ва семинарии шунавандагон бояд ба методикаи ҳозира ва ба талаботи стандарти ҷаҳонӣ ҷавобгӯ буда, бештар мавзуъҳои худшиносию худогоҳии миллӣ, ватанпарварию ватандӯстӣ талқин ва истифодаи роҳ ва усулҳои навин ва амсол ба инҳоро фарогир бошад.

9. Бори нахуст дар ҷумҳурӣ дар кори диссертатсионӣ оид ба мавзуи «Назария ва амалияи андрагогика дар низоми такмили тахассуси кадрҳои педагогӣ дар шароити нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз нуқтаи назари илмӣ ва педагогӣ кушода дода шуд. Аз ин ҷо, бармеояд, ки ба роҳ мондан ва такмил додани таҳсилоти андрагогӣ ҳангоми омода намудани педагогон барои таҳсилоти калонсолон имоният медиҳад, ки роҳ ва усулҳои таълими мавзуъҳо ташаккул дода шавад, ба таври назаррас ба ҳалли масъалаҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» дарҷёфта мусоидат намояд ва малакаи педагогии педагогонро, ки дар саросарии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолият доранд, баланд бардошта шавад.

10. Таҳлили нақшаҳои таълимию барномаҳои корӣ ба мо имкон доданд, то хулосабарорӣ намоем, ки таҳсилоти калонсолон як узви пайвасти вазифаҳои раванди умумии таълим дониста шавад.

Вобаста ба мавзуъ аз рӯи натиҷаҳои тадқиқоти мазкур чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

– шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси ФМДДТИБКСМ тавассути истифодаи роҳ, усул ва методҳои навини ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷумҳуриявию ҷаҳонӣ ба роҳ мондан зарур аст;

– ба таълими шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии педагогони вобаста ба азхудкунии таърихи пайдоиш ва ҷиҳатҳои таълимию тарбиявии он мусоидат намудан зарур аст;

– сарчашмаҳои маълумот ва иттилооти илмӣ-методиро аз рӯи вазъи умумии ҷумҳурӣ таъсис додан зарур аст, ки он ҳамчун воситаҳои асосии омӯзиш ва ташаккули шахсияти шунавандагон маҳсуб меёбад, дар назар бояд гирифт;

– ҳалли масъалаҳои таҳсилоти калонсолон аз нав эҳёшавӣ ва пешниҳоди эҷодӣ, ки баҳри ташаккули мафкура бо дарназардошти дониши кори эҷодӣ дар ТК мувофиқ аст, таъмин карда шавад. Ба омӯзиши назария ва амалияи ТК аҳамияти махсус дода шавад.

Дар хотима тазаккур бояд дод, ки тадқиқоти илмии мазкур ба ҳалли пурраи масъалаи зикргардида иддао надорад ва мо боварӣ дорем, ки таҳқиқот аз рӯи мавзуи номбурда ба таври мушаххас ва нисбатан васеъ ва роҳ усул ҳалли таҳсилоти калонсолон, аз ҷумла, таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмиро ошкор менамоянд. Эътимоди мо бар он аст, ки тадқиқоти сомондода ҳиссаи муайяни кӯчаки худро дар такмили таҳсилоти калонсолон мегузорад. Таҳқиқоти гузаронидашудаи мо ба ҳалли пурра, таҳияи пайдарпайи масъалаи зикргардида дар раванди таълим даъвое надорад, вале метавонад бо роҳи корбаст намудан дар ФМДДТИБКСМ шаҳрию вилояти Хатлон, коллеҷу муассисаҳои олии педагогӣ равона гардад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**а) Монографияҳои илмӣ ва воситаву дастурҳои таълимие, ки шурои илмӣ-методии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ тавсия ва чоп намудаан:**

[1-М]. Алимӣ Ҷ. Андрагогика (таҳсилоти идоманоку ғайрирасмӣ) (ҳаммуаллиф): Монография [Матн]/Ҷ. Алимӣ, **М.В. Сафаров** – Душанбе: «Адабиёти бачагона», 2017. - 175 с.

[2-М]. ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика: ташаккул, хусусиятҳо ва асосҳои назариявӣ: Монография [Матн] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Матбаа», 2021. – 111 с.

[3-М]. ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика: фактор совершенствования человека [Текст] // М.В. Сафаров. – Душанбе, «Адабиёт», 2016. – 164 с.

[4-М]. ***Сафаров, М. В.*** Асосҳои технологияи таълими калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Матбаа», 2020. – 68 с.

[5-М]. Мирализода А.М. Назария ва методикаи таълими расмӣ ва ғайрирасмӣ [Матн] / А.М. Мирализода, Ҷ. Алимӣ, ***М.В. Сафаров.*** – Душанбе: «Нушбод», 2021. – 79 с.

[6-М]. ***Сафаров, М. В.*** Технология развития неформального образования: Монография [Текст] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Промэкспо», 2017. – 176 с.

[7-М]. ***Сафаров, М. В.*** Теоретические аспекты повышения квалификации кадров и андрагогика (на примере Республики Таджикистан): Монография [Текст] / М.В. Сафаров. – Душанбе: «Промэкспо», 2016. – 151 с.

**б) Мақолаҳое, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР чоп шудаанд:**

[8-М]. *Мирализода А. М.* Андрагогика: Ҷанбаҳои рушди таълими ғайрирасмӣ ва такмили ихтисос [Матн] / *А.М. Мирализода,* ***М.В. Сафарзода*** // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Душанбе, 2022. – №1 (26). – С. 95-103. – ISSN 2616-5260.

[9-М]. ***Сафаров, М. В.*** Амсилаҳои андрагогии таълим [Текст] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи педагогии Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2018. – №2 (74). – С. 88-91. – ISSN 2219-5408.

[10-М]. ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика: моҳият, ҳадаф ва мазмун [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №3\5. – С. 259-262. – ISSN2074-1847.

[11-М]. ***Сафаров, М. В.*** Андрагогический подход к адаптационным системам образования взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Педагогического университета. – Душанбе, 2017. – №5 (72). – С. 29-33. – ISSN 2219-5408.

[12-М]. ***Сафаров, М. В.*** Асосҳои андрагогии рушди касбии шахсият [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – №3 (75). – С. 141-145. – ISSN 2219-5408.

[13-М]. ***Сафаров, М. В.*** Андрагогика-педагогикаи инноватсионӣ [Текст] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №3/4. – С. 295-297. – ISSN2074-1847.

[14-М]. ***Сафаров, М. В.*** Главные направления совершенствования образования в новых условиях [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2018. – №7. – С. 220-225. – ISSN2074-1847.

[15-М]. ***Сафаров, М. В.*** Дети и вопросы дополнительного образования [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. – 2017. – №1/4 (49). – С. 158-162. – ISSN 2309-6764.

[16-М]. ***Сафарзода, М. В.*** Истифодаи технология ва усулҳои таълими ғайрирасмии калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. – Душанбе, 2023. – №2 (31). – С. 172-182. – ISSN 2616-5260.

[17-М]. ***Сафаров, М. В.*** Истифодаи технологияи педагогӣ ва усулҳои гуногуни таълими ғайрирасмӣ [Матн] / М.В. Сафаров, А.М. Миралезода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 161-169. – ISSN2074-1847.

[18-М]. ***Сафаров, М. В.*** Марҳилаҳои рушди назария ва амалияи таълими калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни. – Душанбе, 2018. – №1 (73). – С. 56-63. – ISSN 2219-5408.

[19-М]. ***Сафаров, М. В.*** Масъалаҳои муҳимми истифодаи андрагогика дар ташкили ҷараёни таълим дар мактабҳои олӣ [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №10 (1). – С. 303-306. – ISSN2074-1847.

[20-М]. ***Сафаров, М. В.*** Моделҳои андрагогии таълим [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – №2 (74). – С. 88-91. – ISSN 2219-5408.

[21-М]. ***Сафаров, М. В.*** Назария ва методҳои таълими расмӣ, ғайрирасмӣ ва информалии калонсолон [Матн] / М.В. Сафаров, А.М. Миралезода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 267-274. – ISSN2074-1847.

[22-М]. ***Сафаров, М. В.*** Неформальное образование и Европа (в соавторстве) [Текст] / М.В. Сафаров, Дж. Алими // Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава. – Душанбе, 2017. – №1/4 (49). – С. 113-117. – ISSN 2309-6764.

[23-М]. ***Сафаров, М. В.*** Неформальное образование и образование для взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2018. – №6. – С. 203-207. – ISSN2074-1847.

[24-М]. ***Сафаров, М. В.*** Педагогика ва андрагогика [Матн] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №2. – С. 224-226. ISSN2074-1847.

[25-М]. ***Сафаров, М. В.*** Педагогические аспекты социализация [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2016. – №3/7 (214). – С. 317-319. – ISSN2074-1847.

[26-М]. ***Сафаров, М. В.*** Принсипҳои асосии андрагогика [Текст] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №3\7. – С. 213-215. – ISSN2074-1847.

